العقيدة الواسطية

# Эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат

**«Ақидаи Воситияи»**

**Муаллиф**

**Аҳмад ибни Абдулҳалим**

**(раҳимаҳуллоҳ)**

**Соли вафоташ 728 ҳ**

**Тарҷумон**

**Шаҳобиддин Солеҳ**

Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Муаллиф раҳимаҳуллоҳ мегӯяд:Ҳамду ситоиш барои Аллоҳ, ки фиристод паёмбари худро ба ҳидоят ва дини ҳақ, то ғолиб кунад-аш болои тамоми динҳои дигар ва шоҳид будани Аллоҳ кофист ва гувоҳи медиҳам, ки маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳ нест, ягона асту шарике надорад, аз рӯи иқрор кардан ба он ва аз рӯи ихлос ва гувоҳи медиҳам, ки Муҳаммад банда ва фиристодаи Ӯст, салот ва дуруди зиёди Аллоҳ бар Ӯ ва бар оли Ӯ бод.

Аммо баъд: Ин эътиқоди фирқаи наҷотёфта, ёрӣ дода шуда то қоим шудани қиёмат, аҳли суннат ва ҷамоат аст. Ва он имон овардан ба Аллоҳ, малоикаҳои Ӯ, китобҳои Ӯ, расулони Ӯ, зинда шудани пас аз марг ва имон овардан ба тақдири нек ва бадаш мебошад.

Ва аз ҷумлаи имони ба Аллоҳ, имон овардан ба сифате, ки Аллоҳ худашро ба он дар китобаш васф карда аст ва ба сифате, ки расулаш Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам Ӯро васф карда аст, бетаҳриф, бетаътил, бекайфият ва бетамсил, балки имон дор-анд ба ин ки Аллоҳ субҳонаҳуро ﴿لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١﴾ «Чизе монанди Ӯ нест ва Ӯ шунаво ва биност». Сураи Шуро, ояти:11

Пас аз Ӯ сифатеро, ки худашро ба он васф карда аст, нафй намекунанд ва калимаҳоро аз ҷойҳояш тағйир намедиҳанд ва дар номҳои Аллоҳ ва оятҳои Ӯ каҷравӣ намекунанд ва сифати муайя-не исбот намекунанд ва сифатҳои Ӯро ба сифатҳои халқаш мон-анд намекунанд, зеро барои Ӯ субҳонаҳу ҳамном, ҳамто ва монанде нест. Ва Аллоҳ субҳонаҳу ва таъолоро ба халқаш қиёс карда намешавад, пас албатта Ӯ субҳонаҳу нисбати нафси худ ва дигарон донотар аст ва дар сухан гуфтан аз халқаш содиқтар ва накутар аст.

Сипас расулонаш содиқанду тасдиқшуда, ба хилофи касоне, ки нисбати Аллоҳ чизҳое нодониста мегӯянд. Барои ин Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд:

﴿ سُبْحَٰنَ رَبِّكَ رَبِّ ٱلْعِزَّةِ عَمَّا يَصِفُونَ ﴿١٨٠﴾ وَسَلَٰمٌ عَلَى ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿١٨١﴾ وَٱلْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿١٨٢﴾ ﴾

«Пок ва муназзаҳ аст Парвардигорат, Парвардигори шукуҳманд аз он чи (кофирон) васф мекунанд ва салом бар расулон ва ситоиш Аллоҳрост, Парвардигори ҷаҳониён». Сураи Соффот, ояти 180-182

Пас Ӯ субҳонаҳу нафсашро аз сифате, ки мухолифони расулон гуфтанд, пок ва муназзаҳ шуморид ва бар расулон дуруд гуфт барои саломат будани гуфтаашон аз айбу нуқсон. Ва Ӯ субҳонаҳу дар он чизе, ки нафсашро ба он васф карда ва номида аст, дар миёни нафю исбот ҷамъ намуда аст. Пас лоиқи аҳли суннат ва ҷамоат нест, ки аз он чизе ки расулон овардаанд каҷравӣ кунанд, албатта овардаи онон роҳи рост аст, роҳи касоне аст, ки Аллоҳ бар онон неъмат дода аст, яъне роҳи анбиё, сиддиқон, шаҳидон ва солеҳон аст.

## Оятҳои сифатҳо, ҷамъ миёни нафю исбот дар васфи Аллоҳ таъоло

Дар зимни ин ҷумла дохил аст он чизе, ки Аллоҳ худашро ба он дар сураи Ихлос, ки он баробари сеяки Қуръон аст, васф карда мефармояд:

﴿ قُلْ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ﴿١﴾ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ﴿٢﴾ لَمْ يَلِدْ وَلَمْ يُولَدْ ﴿٣﴾ وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدٌۢ ﴿٤﴾ ﴾

«Бигӯ (эй Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Аллоҳ яккаву ягона аст. Аллоҳ бенаёз аст. Таваллуд накарда аст ва таваллуд нашуда аст. Ва ҳеҷ кас бо Ӯ баробар нест». Сураи Ихлос, ояти:1-4

Ва ба сифате, ки худашро дар бузургтарин ояте, ки дар китоби Аллоҳ аст, васф карда мефармояд:

﴿ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ لَا تَأۡخُذُهُۥ سِنَةٞ وَلَا نَوۡمٞۚ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ مَن ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَيۡءٖ مِّنۡ عِلۡمِهِۦٓ إِلَّا بِمَا شَآءَۚ وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ ٢٥٥ ﴾

«Аллоҳ, маъбуди барҳаққе ба ҷуз Ӯ нест, ҳамешазинда ва тадбиркунанда (-и корҳои офариниш) аст. На хоби сабук (ғанаб) Ӯро фаро мегирад ва на хоби гарон. Аз Ӯст он чи дар осмонҳо ва замин аст. Кист он касе, ки дар назди Ӯ шафоат намояд, магар ба иҷозати Ӯ? Тамоми он чиро, ки пеши рӯ ва дар пушти онҳост, медонад ва онҳо ба чизе аз илмаш, ҷуз ба он ки Ӯ бихоҳад, иҳота надоранд. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро (дар худ) фаро гирифта-аст. Ва ҳифзу (нигаҳдошти) онҳо бар Ӯ гаронӣ намекунад ва Ӯ баландмартабаву боазамат аст». Сураи Бақара, ояти:255

## Ҷамъ миёни олӣ будан, қариб будан, азалӣ ва абадӣ будани Ӯ

Ва фармудаи Ӯ субҳонаҳу:

﴿ هُوَ ٱلۡأَوَّلُ وَٱلۡأٓخِرُ وَٱلظَّٰهِرُ وَٱلۡبَاطِنُۖ وَهُوَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٌ ٣ ﴾

Ӯ аввал ва охир ва зоҳир ва ботин аст ва Ӯ ба ҳама чиз доност. Сураи Ҳадид, ояти:3

Ва фармудаи Ӯ субҳонаҳу: ﴿ وَتَوَكَّلۡ عَلَى ٱلۡحَيِّ ٱلَّذِي لَا يَمُوتُ ﴾ «Ва бар зиндае, ки намемирад, таваккул кун!» Сураи Фурқон, ояти:58

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَهُوَ ٱلۡعَلِيمُ ٱلۡحَكِيمُ ٢ ﴾ «Ва Ӯ донову ҳаким аст». Сураи Таҳрим, ояти:2

﴿ وَهُوَ ٱلۡحَكِيمُ ٱلۡخَبِيرُ ١٨ ﴾ «Ва Ӯ донову огоҳ аст». Сураи Анъом, ояти:18

## Илми Ӯ ҳамаи халқашро фарогиранда аст

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ يَعۡلَمُ مَا يَلِجُ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا يَخۡرُجُ مِنۡهَا وَمَا يَنزِلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ وَمَا يَعۡرُجُ فِيهَا ﴾

«Ӯ ҳар чи даруни замин равад ва ҳар аз замин барояд ва ҳар чи аз осмон фуруд ояд ва ҳар чи бар осмон боло равад, медонад». Сураи Саба, ояти:2

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ وَعِندَهُۥ مَفَاتِحُ ٱلۡغَيۡبِ لَا يَعۡلَمُهَآ إِلَّا هُوَۚ وَيَعۡلَمُ مَا فِي ٱلۡبَرِّ وَٱلۡبَحۡرِۚ وَمَا تَسۡقُطُ مِن وَرَقَةٍ إِلَّا يَعۡلَمُهَا وَلَا حَبَّةٖ فِي ظُلُمَٰتِ ٱلۡأَرۡضِ وَلَا رَطۡبٖ وَلَا يَابِسٍ إِلَّا فِي كِتَٰبٖ مُّبِينٖ ٥٩ ﴾

«Ва калидҳои ғайб ба назди Ӯст. Ҷуз Ӯ касе аз он огоҳ нест ва медонад он чиро, ки дар биёбон ва дарёст. Ва ҳеҷ барге (аз дарахт) намеафтад магар он ки онро медонад ва ҳеҷ донае дар торикиҳои замин (намеафтад) ва на ҳеҷ тару хушке магар он ки дар китоби равшан (навишта) аст». Сураи Анъом, ояти:59

Ва фармудаи Ӯ:﴿ وَمَا تَحۡمِلُ مِنۡ أُنثَىٰ وَلَا تَضَعُ إِلَّا بِعِلۡمِهِۦ ﴾

«Ва он чи занон бор гиранд ва бизоянд ҷуз ба илми Ӯ нахоҳад буд». Сураи Фотир, ояти:11. Ва фармудаи Ӯ:

﴿ لِتَعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ وَأَنَّ ٱللَّهَ قَدۡ أَحَاطَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عِلۡمَۢا ١٢ ﴾

«То бидонед, ки Аллоҳ бар ҳар коре тавоност ва низ бидонед, илми Аллоҳ, иҳотакунандаи тамоми ашёст». Сураи Талоқ, ояти:12

Ва фармудаи Ӯ:﴿ إِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلرَّزَّاقُ ذُو ٱلۡقُوَّةِ ٱلۡمَتِينُ ٥٨ ﴾

«Албатта рӯзидиҳандаи халқ Аллоҳ аст, ки соҳиби қуввату устувор аст». Сураи Зориёт, ояти:58

## Исботи шунавоӣ ва биноӣ барои Аллоҳ субҳонаҳу

Ва фармудаи Ӯ: ﴿لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ١١﴾ «Монанди Ӯ чизе нест ва Ӯ шунаво ва биност». Сураи Шуро, ояти:11

Ва фармудаи Ӯ: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ نِعِمَّا يَعِظُكُم بِهِۦٓۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ سَمِيعَۢا بَصِيرٗا ٥٨﴾ «Албатта Аллоҳ ба некутарин чиз шуморо панд медиҳад. Албатта Аллоҳ шунавову биност». Сураи Нисо, ояти:58

## Исботи машийят ва ирода барои Аллоҳ субҳонаҳу

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَلَوۡلَآ إِذۡ دَخَلۡتَ جَنَّتَكَ قُلۡتَ مَا شَآءَ ٱللَّهُ لَا قُوَّةَ إِلَّا بِٱللَّهِ﴾ «Ва чун вориди боғат шудӣ чаро нагуфтӣ он чи хости Аллоҳ аст (шуданист), ҳеҷ қуввате нест магар ба хости Аллоҳ». Сураи Каҳф, ояти:39

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَلَوۡ شَآءَ ٱللَّهُ مَا ٱقۡتَتَلُواْ وَلَٰكِنَّ ٱللَّهَ يَفۡعَلُ مَا يُرِيدُ ٢٥٣﴾ «Ва агар Аллоҳ мехост, ҳаргиз бо ҳамдигар (ихтилоф) ва куштор намекарданд, валокин Аллоҳ ҳарчи бихоҳад, анҷом медиҳад». Сураи Бақара, ояти:253

Ва фармудаи Ӯ:

﴿أُحِلَّتۡ لَكُم بَهِيمَةُ ٱلۡأَنۡعَٰمِ إِلَّا مَا يُتۡلَىٰ عَلَيۡكُمۡ غَيۡرَ مُحِلِّي ٱلصَّيۡدِ وَأَنتُمۡ حُرُمٌۗ إِنَّ ٱللَّهَ يَحۡكُمُ مَا يُرِيدُ ١﴾

«Ҳайвонҳо барои шумо ҳалол гардонида шуд, ҷуз он чи бароятон тиловат хоҳад шуд ва ҷуз он сайде, ки дар вақти эҳром ҳалол нест. Албатта Аллоҳ ба ҳар он чи бихоҳад ҳукм мекунад». Сураи Моида, ояти:1

Ва фармудаи Ӯ:

﴿فَمَن يُرِدِ ٱللَّهُ أَن يَهۡدِيَهُۥ يَشۡرَحۡ صَدۡرَهُۥ لِلۡإِسۡلَٰمِۖ وَمَن يُرِدۡ أَن يُضِلَّهُۥ يَجۡعَلۡ صَدۡرَهُۥ ضَيِّقًا حَرَجٗا كَأَنَّمَا يَصَّعَّدُ فِي ٱلسَّمَآءِ﴾

«Пас ҳар киро Аллоҳ ҳидояташро хоҳад, қалбашро ба Ислом равшан менамояд ва ҳар киро хоҳад гумроҳ намояд, дили ӯро аз қабул кардани имон танг ва сахт танг гардонад, ки гуё мехоҳад аз замин бар осмон равад». Сураи Анъом, ояти:125

**Исботи муҳаббат ва дустии Ӯ барои дӯстонаш ба тавре ки лоиқи бузургии Ӯст**

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَأَحۡسِنُوٓاْۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ١٩٥﴾ «Ва некӣ намоед, албатта Аллоҳ некукоронро <u>дӯст</u> медорад». Сураи Бақара, ояти:195

Ва фармудаи Ӯ:﴿وَأَقۡسِطُوٓاْۖ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُقۡسِطِينَ ٩﴾ «Ва адл кунед, албатта Аллоҳ адлкунандагонро <u>дӯст</u> медорад». Сураи Ҳуҷурот, ояти:9

Ва фармудаи Ӯ: ﴿فَمَا ٱسۡتَقَٰمُواْ لَكُمۡ فَٱسۡتَقِيمُواْ لَهُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُتَّقِينَ ٧﴾

«Пас модоме ки барои шумо бар аҳди худ устувору собит бошанд, пас шумо ҳам барояшон собиту устувор бошед. Албатта Аллоҳ парҳезгоронро <u>дӯст</u> медорад». Сураи Тавба, ояти:7

Ва фармудаи Ӯ: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلتَّوَّٰبِينَ وَيُحِبُّ ٱلۡمُتَطَهِّرِينَ ٢٢٢﴾ «Албатта Аллоҳ тавбакорон ва покихоҳонро <u>дӯст</u> медорад». Сураи Бақара, ояти: 222

Ва фармудаи Ӯ: ﴿قُلۡ إِن كُنتُمۡ تُحِبُّونَ ٱللَّهَ فَٱتَّبِعُونِي يُحۡبِبۡكُمُ ٱللَّهُ﴾ «Бигӯ (эй Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам) агар Аллоҳро дӯст медоред, пас маро пайравӣ кунед, то Аллоҳ шуморо <u>дӯст</u> дорад». Сураи Оли Имрон, ояти:31

Ва фармудаи Ӯ: ﴿فَسَوۡفَ يَأۡتِي ٱللَّهُ بِقَوۡمٖ يُحِبُّهُمۡ وَيُحِبُّونَهُۥٓ﴾ «Пас Аллоҳ гурӯҳеро хоҳад оварd, ки ононро дӯст медорад ва онҳо Аллоҳро <u>дӯст</u> медоранд». Сураи Моида, ояти:54

Ва фармудаи Ӯ: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلَّذِينَ يُقَٰتِلُونَ فِي سَبِيلِهِۦ صَفّٗا كَأَنَّهُم بُنۡيَٰنٞ مَّرۡصُوصٞ﴾

«Дар ҳақиқат Аллоҳ касонеро, ки дар роҳи Ӯ саф зада ҷиҳод мекунанд, дӯст медорад, чунон (саф мекашанд) ки гӯё иморати муҳкам ба ҳам часпида ҳастанд». Сураи Саф, ояти:4

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَهُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلۡوَدُودُ ١٤﴾ «Ва Ӯст омӯрзандаи дӯстдор». Сураи Буруҷ, ояти:14

## Исботи мавсуф шудани Ӯ субҳонаҳу ба сифати раҳмат ва мағфират

Ва фармудаи Ӯ: ﴿بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ٣٠﴾ «Ба номи Аллоҳи бахшандаи меҳрубон». Сураи Намл, ояти:30

Ва фармудаи Ӯ: ﴿رَبَّنَا وَسِعۡتَ كُلَّ شَيۡءٖ رَّحۡمَةٗ وَعِلۡمٗا﴾ «Парвардигори мо ҳамаи чизро ба раҳмат ва илми худ фаро гирифтаӣ!» Сураи Ғофир, ояти:7

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَكَانَ بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ رَحِيمٗا ٤٣﴾ «Ва Ӯ ба мӯъминон меҳрубон аст». Сураи Аҳзоб, ояти:43

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَرَحۡمَتِي وَسِعَتۡ كُلَّ شَيۡءٖ﴾ «Ва раҳмати Ман ҳамаи чизро фаро гирифтааст». Сураи Аъроф, ояти:156

Ва фармудаи Ӯ: ﴿كَتَبَ عَلَىٰ نَفۡسِهِ ٱلرَّحۡمَةَ﴾ «Бар нафси худ раҳматро фарз кардааст». Сураи Анъом, ояти:12

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَهُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلرَّحِيمُ ١٠٧﴾ «Ва Ӯ омӯрзандаву меҳрубон аст». Сураи Юнус, ояти:107

Ва фармудаи Ӯ: ﴿فَٱللَّهُ خَيۡرٌ حَٰفِظٗاۖ وَهُوَ أَرۡحَمُ ٱلرَّٰحِمِينَ ٦٤﴾ «Пас Аллоҳ беҳтарин нигаҳбон аст ва Ӯ меҳрубонтарини меҳрубонон аст». Сураи Юсуф, ояти:64

## Зикри ризои Аллоҳ, ғазаби Ӯ, хашми Ӯ, бадбинии Ӯ ва ин ки Ӯ ба ин сифатҳо мавсуф аст

Ва фармудаи Ӯ: ﴿رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُ﴾ «Аллоҳ аз онон розӣ аст ва онҳо ҳам аз Аллоҳ розӣ ҳастанд». Сураи Байина, ояти:8

Ва фармудаи Ӯ:

﴿وَمَن يَقۡتُلۡ مُؤۡمِنٗا مُّتَعَمِّدٗا فَجَزَآؤُهُۥ جَهَنَّمُ خَٰلِدٗا فِيهَا وَغَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِ وَلَعَنَهُۥ﴾

«Ҳар кас мӯъминеро қасдан бикушад, пас ҷазояш оташи ҷаҳаннам аст, ки дар он ҷовидон хоҳад буд ва Аллоҳ бар вай ғазаб ва лаънат кунад». Сураи Нисо, ояти:93

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمُ ٱتَّبَعُواْ مَآ أَسۡخَطَ ٱللَّهَ وَكَرِهُواْ رِضۡوَٰنَهُۥ﴾ «Ва ин азоб ба сабаби он аст, ки пайравӣ карданд он чизеро, ки ба ғазаб овард Аллоҳро ва бад дидани ризову хушнудии Ӯро». Сураи Муҳаммад, ояти:28

Ва фармудаи Ӯ: ﴿فَلَمَّآ ءَاسَفُونَا ٱنتَقَمۡنَا مِنۡهُمۡ﴾ «Пас вақте ки Моро ба ғазаб оварданд, аз онон интиқом гирифтем». Сураи Зухруф, ояти:55

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَلَٰكِن كَرِهَ ٱللَّهُ ٱنۢبِعَاثَهُمۡ فَثَبَّطَهُمۡ﴾ «Ва локин Аллоҳ барангехтани ононро написандид, пас ононро боздошт». Сураи Тавба, ояти:46

Ва фармудаи Ӯ: ﴿كَبُرَ مَقۡتًا عِندَ ٱللَّهِ أَن تَقُولُواْ مَا لَا تَفۡعَلُونَ ٣﴾ «Назди Аллоҳ бисёр нописанд аст, ки чизе бигуед, ки анҷом намедиҳед». Сураи Саф, ояти:3

## Исботи омадани Аллоҳ барои доварии қатъӣ дар миёни бандагонаш ба тавре ки лоиқи бузургии Ӯст

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ هَلۡ يَنظُرُونَ إِلَّآ أَن يَأۡتِيَهُمُ ٱللَّهُ فِي ظُلَلٖ مِّنَ ٱلۡغَمَامِ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَقُضِيَ ٱلۡأَمۡرُۚ ﴾

«Оё ҷуз инро мунтазир ҳастанд, ки Аллоҳ дар соябонҳое аз абр ва фариштагон ба сӯяшон оянд ва кор (-и халоиқ дар он вақт) якса-ра гардад». Сураи Бақара, ояти:210

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ هَلۡ يَنظُرُونَ إِلَّآ أَن تَأۡتِيَهُمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ أَوۡ يَأۡتِيَ رَبُّكَ أَوۡ يَأۡتِيَ بَعۡضُ ءَايَٰتِ رَبِّكَ ﴾

«Оё ҷуз ин интизор доранд, ки фариштагон ба сӯяшон биёянд, ё Парвардигори Ту, ё баъзе аз нишонаҳои Парвардигори Ту биёяд». Сураи Анъом, ояти:158

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ كَلَّآ إِذَا دُكَّتِ ٱلۡأَرۡضُ دَكّٗا دَكّٗا ٢١ وَجَآءَ رَبُّكَ وَٱلۡمَلَكُ صَفّٗا صَفّٗا ٢٢ ﴾

«Не-не, вақте ки пасту ҳамвор карда шавад баландии заминро, паст кардане. Ва биёяд Парвардигори Ту ва малоикаҳо сафзада». Сураи Фаҷр, ояти:21-22

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَيَوۡمَ تَشَقَّقُ ٱلسَّمَآءُ بِٱلۡغَمَٰمِ وَنُزِّلَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ تَنزِيلًا ٢٥ ﴾ «Ва рӯзе, ки сурох шавад осмон ба сабаби абр ва тамоми фариштагон фуруд оварда шаванд». Сураи Фурқон, ояти:25

## Исботи ваҷҳ (рӯ) барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَيَبۡقَىٰ وَجۡهُ رَبِّكَ ذُو ٱلۡجَلَٰلِ وَٱلۡإِكۡرَامِ ٢٧ ﴾ «Ва Зоти Парвардигорат, ки соҳиби ҷалолу икром аст, боқӣ мемонад». Сураи ар-Раҳмон, ояти:27

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ كُلُّ شَيۡءٍ هَالِكٌ إِلَّا وَجۡهَهُۥ ﴾ «Ҳамаи мавҷудот ба ҷуз Зоти Ӯ ҳалокшавандааст». Сураи Қасас, ояти:88

## Исботи ядайн (ду даст) барои Аллоҳ таъоло

Ва фармудаи Ӯ: ﴿مَا مَنَعَكَ أَن تَسۡجُدَ لِمَا خَلَقۡتُ بِيَدَيَّ﴾ «(Эй шайтон!) Чӣ манъ кард туро аз ин ки саҷда кунӣ барои чизе, ки Ман онро ба ду дастам офаридам)». Сураи Сод, ояти:75

Ва фармудаи Ӯ:

﴿وَقَالَتِ ٱلۡيَهُودُ يَدُ ٱللَّهِ مَغۡلُولَةٌۚ غُلَّتۡ أَيۡدِيهِمۡ وَلُعِنُواْ بِمَا قَالُواْۘ بَلۡ يَدَاهُ مَبۡسُوطَتَانِ يُنفِقُ كَيۡفَ يَشَآءُ﴾

«Гуфтанд яҳуд дасти Аллоҳ баста шуда аст (яъне бахил аст) ба гарданашон баста бод дасти яҳуд ва ба сабаби он чи гуфтанд лаънат карда шуданд, балки ҳар ду дасти Аллоҳ кушода аст, харҷу сарф мекунад чӣ гунае, ки мехоҳад». Сураи Моида, ояти:64

## Исботи айнайн (ду чашм) барои Аллоҳ таъоло

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَٱصۡبِرۡ لِحُكۡمِ رَبِّكَ فَإِنَّكَ بِأَعۡيُنِنَا﴾ «Ва сабр кун барои ҳукми Парвардигори худ, албатта Ту дар ҳузури чашми Мо ҳастӣ!» Сураи Тур, ояти:48

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَحَمَلۡنَٰهُ عَلَىٰ ذَاتِ أَلۡوَٰحٖ وَدُسُرٖ ١٣ تَجۡرِي بِأَعۡيُنِنَا جَزَآءٗ لِّمَن كَانَ كُفِرَ ١٤﴾

«Ва савор кардем Нуҳро дар киштие (ки сохташуда) аз тахтаву меххо буд. Ки мерафт (ин кишти дар болои об) ба ҳузури чашми Мо, ба хотири интиқом гирифтан барои касе, ки (паёмбарии) ӯро бовар накарда буданд». Сураи Қамар, ояти:13-14

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَأَلۡقَيۡتُ عَلَيۡكَ مَحَبَّةٗ مِّنِّي وَلِتُصۡنَعَ عَلَىٰ عَيۡنِيٓ ٣٩﴾ «Ва афкандам бар рӯи ту маҳбубияту қабулро аз ҷониби худ, то тарбият ва парварда шавӣ ба (ҳузури) чашми Ман». Сураи Тоҳо, ояти:39

## Исботи шунавоӣ ва биноӣ барои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло

Ва фармудаи Ӯ:

﴿قَدْ سَمِعَ اللَّهُ قَوْلَ الَّتِي تُجَادِلُكَ فِي زَوْجِهَا وَتَشْتَكِي إِلَى اللَّهِ وَاللَّهُ يَسْمَعُ تَحَاوُرَكُمَا إِنَّ اللَّهَ سَمِيعٌ بَصِيرٌ ١﴾

«Ба рости Аллоҳ сухани занеро, ки дар бораи ҳамсараш бо Ту гуфтугӯ мекард ва ба Аллоҳ шикоят мекард, шунид ва Аллоҳ гуфтугӯятонро мешунид. Албатта Аллоҳ шунавову биност». Сураи Муҷодала, ояти:1

Ва фармудаи Ӯ:﴿لَقَدْ سَمِعَ اللَّهُ قَوْلَ الَّذِينَ قَالُوا إِنَّ اللَّهَ فَقِيرٌ وَنَحْنُ أَغْنِيَاءُ﴾

«Ба таҳқиқ Аллоҳ сухани ононро, ки гуфтанд:Аллоҳ фақир ва мо тавонгарем, шунид». Сураи Оли Имрон, ояти:181

Ва фармудаи Ӯ: ﴿أَمْ يَحْسَبُونَ أَنَّا لَا نَسْمَعُ سِرَّهُمْ وَنَجْوَاهُمْ بَلَى وَرُسُلُنَا لَدَيْهِمْ يَكْتُبُونَ ٨٠﴾

«Оё гумон мебаранд, ки мо розгӯӣ ва наҷвои ононро намешунавем. Оре (мешунавем) ва фариштагони Мо дар назди онон менависанд». Сураи Зухруф, ояти:80

Ва фармудаи Ӯ: ﴿إِنَّنِي مَعَكُمَا أَسْمَعُ وَأَرَى ٤٦﴾«Албатта Ман бо шумо ҳастам, мешунавам ва мебинам». Сураи Тоҳо, ояти:46

Ва фармудаи Ӯ:﴿أَلَمْ يَعْلَمْ بِأَنَّ اللَّهَ يَرَى﴾«Оё надонист, ки Аллоҳ мебинад». Сураи Алақ, ояти:14

Ва фармудаи Ӯ: ﴿الَّذِي يَرَاكَ حِينَ تَقُومُ ٢١٨ وَتَقَلُّبَكَ فِي السَّاجِدِينَ ٢١٩ إِنَّهُ هُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ ٢٢٠﴾

«(Ҳамон) касе, ки чун бармехезӣ Туро мебинад. Ва гашту гузорат дар миёни саҷдакунандагонро низ мебинад. Албатта Ӯ шунавову доност». Сураи Шуъаро, ояти:218-220

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَقُلِ ٱعۡمَلُواْ فَسَيَرَى ٱللَّهُ عَمَلَكُمۡ وَرَسُولُهُۥ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَ ﴾ «Ва бигӯ:Амал кунед, ки Аллоҳ амали шуморо хоҳад дид ва (ҳамчунин) расули Ӯ ва мӯъминон (хоҳанд дид)». Сураи Тавба, ояти:105

## Исботи макр ва кайд (ҳилагарӣ) барои Аллоҳ таъоло ба тавре ки шоистаи Ӯст

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَهُوَ شَدِيدُ ٱلۡمِحَالِ ١٣ ﴾ «Ва Ӯ бас сахтгир аст». Сураи Раъд, ояти:13

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَمَكَرُواْ وَمَكَرَ ٱللَّهُۖ وَٱللَّهُ خَيۡرُ ٱلۡمَٰكِرِينَ ٥٤ ﴾ «Ва макр варзиданд ва Аллоҳ (низ дар баробари макри онон) макр варзид ва Аллоҳ беҳтарини макрангезон аст». Сураи Оли Имрон, ояти:54

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَمَكَرُواْ مَكۡرٗا وَمَكَرۡنَا مَكۡرٗا وَهُمۡ لَا يَشۡعُرُونَ ٥٠ ﴾ «Ва сахт ҳила варзиданд ва (Мо низ) дар ҳоле ки онон намедонистанд, чунон ки бояд ба тадбир пардохтем». Сураи Намл, ояти:50

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ إِنَّهُمۡ يَكِيدُونَ كَيۡدٗا ١٥ وَأَكِيدُ كَيۡدٗا ١٦ ﴾ «Албатта онон (кофирон) сахт найранг меварзанд ва Ман ҳам дар муқобили макрашон макр хоҳам кард». Сураи Ториқ, ояти:15-16

## Васфи Аллоҳ ба сифати афв, мағфират, раҳмат ва иззат

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ إِن تُبۡدُواْ خَيۡرًا أَوۡ تُخۡفُوهُ أَوۡ تَعۡفُواْ عَن سُوٓءٖ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَفُوّٗا قَدِيرًا ١٤٩ ﴾

«Агар кори некро ошкор кунед, ё онро пинҳон кунед, ё аз ситаме бигзаред, (бидонед, ки) Аллоҳ авфкунандаи тавоност». Сураи Нисо, ояти:149

Ва фармудаи Ӯ:النور ﴿ وَلۡيَعۡفُواْ وَلۡيَصۡفَحُوٓاْۗ أَلَا تُحِبُّونَ أَن يَغۡفِرَ ٱللَّهُ لَكُمۡۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ٢٢ ﴾

«Ва бояд, ки бибахшанд ва даргузаранд. Оё дӯст намедоред, ки Аллоҳ шуморо биёмурзад? Ва Аллоҳ омурзгору меҳрубон аст». Сураи Нур, ояти:22

Ва фармудаи Ӯ:﴿ وَلِلَّهِ ٱلۡعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِۦ وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ ﴾«Ва иззат хосси Аллоҳ ва расули Ӯ ва мӯъминон аст». Сураи Мунофиқун, ояти:8

Ва фармудаи Ӯ:﴿ فَبِعِزَّتِكَ لَأُغۡوِيَنَّهُمۡ أَجۡمَعِينَ ٨٢ ﴾«(Шайтон) гуфт:Пас савганд ба иззатат ҳамаи ононро гумроҳ мекунам». Сураи Сод, ояти:82

**Исботи исм барои Аллоҳ ва**
**нафйи кардани монанд аз Ӯ**

Ва фармудаи Ӯ:﴿ تَبَٰرَكَ ٱسۡمُ رَبِّكَ ذِي ٱلۡجَلَٰلِ وَٱلۡإِكۡرَامِ ٧٨ ﴾«Бисёр бобаракат аст номи Парвардигори Ту, ки соҳиби бузургиву инъом аст». Сураи ар-Раҳмон, ояти:78

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ فَٱعۡبُدۡهُ وَٱصۡطَبِرۡ لِعِبَٰدَتِهِۦۚ هَلۡ تَعۡلَمُ لَهُۥ سَمِيّٗا ٦٥ ﴾«Пас Ӯро парастиш кун ва бар ибодати Ӯ пойдорӣ варз. Оё ҳамноме барои Ӯ мешиносӣ?» Сураи Марям, ояти:65

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ٤ ﴾«Ва ҳеҷ касе бо Ӯ баробар нест». Сураи Ихлос, ояти:4

Ва фармудаи Ӯ:﴿ فَلَا تَجۡعَلُواْ لِلَّهِ أَندَادٗا وَأَنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٢٢ ﴾«Пас барои Аллоҳ ҳамтоёне қарор надиҳед, дар ҳоле ки шумо медонед». Сураи Бақара, ояти:22

Ва фармудаи Ӯ:البقرة﴿ وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَندَادٗا يُحِبُّونَهُمۡ كَحُبِّ ٱللَّهِ ﴾

«Баъзе аз мардум касест, ки мегирад ба ҷуз Аллоҳ ҳамтоёни дигареро ва касоне, ки имон оварданд, қавитаранд дар дӯстии Аллоҳ». Сураи Бақара, ояти:165

## Нафйи кардани шарик аз Аллоҳ таъоло

Ва фармудаи Ӯ:

﴿وَقُلِ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ ٱلَّذِى لَمْ يَتَّخِذْ وَلَدًا وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ شَرِيكٌ فِى ٱلْمُلْكِ وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ وَلِىٌّ مِّنَ ٱلذُّلِّ ۖ وَكَبِّرْهُ تَكْبِيرًا ١١١﴾

«Ва бигӯ:Ситоиш Аллоҳрост, ки фарзанде нагирифта ва дар фармонравоӣ Ӯро шарике нест. Ва аз нотавонӣ корсозе надорад. Ва чунон ки сазовор аст Ӯро ба бузурги ёд кун». Сураи Исро, ояти:111

Ва фармудаи Ӯ:

﴿يُسَبِّحُ لِلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ ۖ لَهُ ٱلْمُلْكُ وَلَهُ ٱلْحَمْدُ ۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ ١﴾

«Он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин аст Аллоҳро ба покӣ ёд мекунад. Фармонравоӣ аз они Ӯст ва ситоиш (низ) Ӯрост ва Ӯ бар ҳар коре тавоност». Сураи Тағобун, ояти:1

Ва фармудаи Ӯ:

﴿تَبَارَكَ ٱلَّذِى نَزَّلَ ٱلْفُرْقَانَ عَلَىٰ عَبْدِهِۦ لِيَكُونَ لِلْعَٰلَمِينَ نَذِيرًا ١ ٱلَّذِى لَهُۥ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَلَمْ يَتَّخِذْ
وَلَدًا وَلَمْ يَكُن لَّهُۥ شَرِيكٌ فِى ٱلْمُلْكِ وَخَلَقَ كُلَّ شَىْءٍ فَقَدَّرَهُۥ تَقْدِيرًا ٢﴾

«Бартар аст касе ки Фурқонро бар бандааш нозил кард, то барои ҷаҳониён ҳушдордиҳанда бошад. Касе ки фармонравоии осмонҳо ва замин аз они Ӯст ва ҳеҷ фарзанде нагирифта ва Ӯ дар фармонравоӣ шарике надорад ва ҳама чизро офарида аст, онгоҳ чунон ки мебояд онҳоро ба андоза муқаррар кардааст». Сураи Фурқон, ояти:1-2

Ва фармудаи Ӯ:

﴿مَا ٱتَّخَذَ ٱللَّهُ مِن وَلَدٍ وَمَا كَانَ مَعَهُۥ مِنْ إِلَٰهٍ ۚ إِذًا لَّذَهَبَ كُلُّ إِلَٰهٍۭ بِمَا خَلَقَ وَلَعَلَا بَعْضُهُمْ عَلَىٰ بَعْضٍ ۚ سُبْحَٰنَ
ٱللَّهِ عَمَّا يَصِفُونَ ٩١ عَٰلِمِ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَتَعَٰلَىٰ عَمَّا يُشْرِكُونَ ٩٢﴾

«Аллоҳ ҳеҷ фарзанде нагирифта аст ва ҳеҷ маъбуди (дигаре) бо Ӯ нест. (Агар бошад) онгоҳ ҳар маъбуде он чиро, ки офарида буд, мебарад ва қатъан баъзе ба баъзеи (дигар) ғолиб мешуданд. Аллоҳ аз он чи васф мекунанд пок (ва муназзаҳ) аст».

Сураи Мӯъминун, ояти:91-92

Ва фармудаи Ӯ:﴿ فَلَا تَضۡرِبُواْ لِلَّهِ ٱلۡأَمۡثَالَۚ إِنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ وَأَنتُمۡ لَا تَعۡلَمُونَ ٧٤ ﴾«Пас барои Аллоҳ масалҳо мазанед. Албатта Аллоҳ медонад ва шумо намедонед». Сураи Наҳл, ояти:74

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ قُلۡ إِنَّمَا حَرَّمَ رَبِّيَ ٱلۡفَوَٰحِشَ مَا ظَهَرَ مِنۡهَا وَمَا بَطَنَ وَٱلۡإِثۡمَ وَٱلۡبَغۡيَ بِغَيۡرِ ٱلۡحَقِّ وَأَن تُشۡرِكُواْ بِٱللَّهِ مَا لَمۡ يُنَزِّلۡ بِهِۦ سُلۡطَٰنٗا وَأَن تَقُولُواْ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ٣٣ ﴾

«Бигӯ:Парвардигорам фақат (корҳои) ношоиста, ошкор ва пинҳонаш ва гуноҳ ва тааддии ноҳақро ва он ки бо Аллоҳ чизеро, ки ба (ҳаққонияти) он далеле нафиристода аст, шарик муқаррар кунед ва он чиро, ки намедонед, (ба дурӯғ) бар Аллоҳ бибандед, ҳаром намудааст». Сураи Аъроф, ояти:33

## Исботи истивои Аллоҳ бар аршаш

Ва фармудаи Ӯ:طه ﴿ ٱلرَّحۡمَٰنُ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ٱسۡتَوَىٰ ٥ ﴾ дар ҳафт мавзеъ:

Дар сураи Аъроф, ояти:54 фармудаи Ӯ:

﴿إِنَّ رَبَّكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ﴾ الأعراف: ٥٤

«Албатта Парвардигоратон, Аллоҳест, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, онгоҳ бар арш муставӣ шуд».

Ва дар сураи Юнус алайҳис салом, дар ояти 3 мефармояд:

﴿ إِنَّ رَبَّكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ﴾يونس: ٣

«Албатта Парвардигоратон, Аллоҳест, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, онгоҳ бар арш муставӣ шуд».

Ва дар сураи Раъд, дар ояти 2 мефармояд:

﴿ ٱللَّهُ ٱلَّذِى رَفَعَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ بِغَيۡرِ عَمَدٖ تَرَوۡنَهَاۖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ﴾ الرعد: ٢

«Аллоҳ касест, ки осмонҳоро бесутунҳое, ки онҳоро бубинед, барафрошт, онгоҳ бар арш муставӣ шуд».

Ва дар сураи Тоҳо, дар ояти 5 мефармояд:

﴿ ٱلرَّحۡمَٰنُ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ٱسۡتَوَىٰ ٥ ﴾« (Аллоҳи) Раҳмон бар арш муставӣ шуд».

Ва дар сураи Фурқон, дар ояти 59 мефармояд:

﴿ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِۚ ٱلرَّحۡمَٰنُ ﴾«Сипас бар арш муставӣ шуд (Аллоҳи) Раҳмон».

Ва дар сураи Алиф лом мим ас-Саҷда, дар ояти 4 мефармояд:

﴿ ٱللَّهُ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ وَمَا بَيۡنَهُمَا فِى سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ﴾

«Аллоҳ касест, ки офарид осмонҳо ва замин ва он чизе, ки дар миёни онҳост дар шаш рӯз, сипас бар арш муставӣ шуд».

Ва дар сураи Ҳадид, дар ояти 4 мефармояд:

﴿ هُوَ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِى سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِ ﴾

«Ӯ зотест, ки офарид осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз, сипас муставӣ шуд бар арш».

## Исботи олӣ будани Аллоҳ бар халқаш

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ يَٰعِيسَىٰٓ إِنِّى مُتَوَفِّيكَ وَرَافِعُكَ إِلَىَّ ﴾«Эй Исо, албатта Ман баргирандаи туам ва бардорандаат ба сӯи худ». Сураи Оли Имрон, ояти:55

Ва фармудаи Ӯ:﴿ بَل رَّفَعَهُ ٱللَّهُ إِلَيۡهِ ﴾«Балки Аллоҳ ӯро ба сӯи худ боло бурд». Сураи Нисо, ояти:158

Ва фармудаи Ӯ:﴿ إِلَيۡهِ يَصۡعَدُ ٱلۡكَلِمُ ٱلطَّيِّبُ وَٱلۡعَمَلُ ٱلصَّٰلِحُ يَرۡفَعُهُۥ ﴾«Сухани пок ба сӯи Ӯ боло меравад ва кори шоистаро баланд мегардонад». Сураи Фотир, ояти:10

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ وَقَالَ فِرۡعَوۡنُ يَٰهَٰمَٰنُ ٱبۡنِ لِي صَرۡحٗا لَّعَلِّيٓ أَبۡلُغُ ٱلۡأَسۡبَٰبَ ٣٦ أَسۡبَٰبَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ فَأَطَّلِعَ إِلَىٰٓ إِلَٰهِ مُوسَىٰ وَإِنِّي لَأَظُنُّهُۥ كَٰذِبٗا ﴾

«Ва Фиръавн гуфт:Эй Ҳомон, кохе барои ман бисоз, бошад ки ба ин роҳҳо бирасам. Роҳҳои осмонҳо, то ба маъбуди Мусо назар афканам ва ман ӯро дурӯғгӯ мепиндорам». Сураи Ғофир, ояти:36-37

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ ءَأَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ أَن يَخۡسِفَ بِكُمُ ٱلۡأَرۡضَ فَإِذَا هِيَ تَمُورُ ١٦ أَمۡ أَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ أَن يُرۡسِلَ عَلَيۡكُمۡ حَاصِبٗاۖ فَسَتَعۡلَمُونَ كَيۡفَ نَذِيرِ ١٧ ﴾

«Оё аз касе ки дар осмон аст эмин шудаед, ки шуморо дар замин фурӯ барад дар ҳолате ки он ногаҳон меҷунбад. Оё аз касе ки дар осмон аст эмин шудаед, ки тундбоде бар шумо бифиристад? Пас хоҳед донист, ки ҳушдори Ман чӣ гуна аст». Сураи Мулк, ояти:16-17

## Исботи маъияти Аллоҳ бо халқаш

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ هُوَ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ فِي سِتَّةِ أَيَّامٖ ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰ عَلَى ٱلۡعَرۡشِۚ يَعۡلَمُ مَا يَلِجُ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَمَا يَخۡرُجُ مِنۡهَا وَمَا يَنزِلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ وَمَا يَعۡرُجُ فِيهَاۖ وَهُوَ مَعَكُمۡ أَيۡنَ مَا كُنتُمۡۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ بَصِيرٞ ٤ ﴾

«Ӯ касест, ки осмонҳо ва заминро дар шаш рӯз офарид, онгоҳ бар арш муставӣ шуд. Он чиро ки вориди замин мешавад ва он чиро ки аз он хориҷ мешавад ва он чиро ки аз осмон фуруд меояд ва он чиро ки дар он боло меравад, медонад. Ӯ дар ҳар ҷо, ки бошед, бо шумост. Ва Аллоҳ ба он чи мекунед, биност». Сураи Ҳадид, ояти:4

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ مَا يَكُونُ مِن نَّجْوَىٰ ثَلَاثَةٍ إِلَّا هُوَ رَابِعُهُمْ وَلَا خَمْسَةٍ إِلَّا هُوَ سَادِسُهُمْ وَلَا أَدْنَىٰ مِن ذَٰلِكَ وَلَا أَكْثَرَ إِلَّا هُوَ مَعَهُمْ أَيْنَ مَا كَانُوا ۖ ثُمَّ يُنَبِّئُهُم بِمَا عَمِلُوا يَوْمَ الْقِيَامَةِ ۚ إِنَّ اللَّهَ بِكُلِّ شَيْءٍ عَلِيمٌ ﴿٧﴾ ﴾

«Розгӯии се нафар намебошад, магар он ки Ӯ чаҳорумини онҳост ва на панҷ нафар, магар он ки Ӯ шашумини онон аст ва на камтар аз ин ва на бештар магар он ки Ӯ бо онон аст дар ҳар ҷо ки бошанд. Сипас рӯзи қиёмат ба он чи кардаанд, хабарашон медиҳад, ки Аллоҳ ба ҳама чиз доност». Сураи Муҷодала, ояти:7

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ لَا تَحْزَنْ إِنَّ اللَّهَ مَعَنَا ﴾ «Ғамгин машав, албатта Аллоҳ бо мост». Сураи Тавба, ояти:40

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ إِنَّنِي مَعَكُمَا أَسْمَعُ وَأَرَىٰ ﴿٤٦﴾ ﴾ «Албатта Ман бо шумоям, мешунавам ва мебинам». Сураи Тоҳо, ояти:46

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ إِنَّ اللَّهَ مَعَ الَّذِينَ اتَّقَوا وَّالَّذِينَ هُم مُّحْسِنُونَ ﴿١٢٨﴾ ﴾ «Албатта Аллоҳ бо парҳезкорон ва некӯкорон аст». Сураи Наҳл, ояти:128

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَاصْبِرُوا ۚ إِنَّ اللَّهَ مَعَ الصَّابِرِينَ ﴾ «Ва сабр кунед, албатта Аллоҳ бо собирон аст». Сураи Анфол, ояти:46

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ كَم مِّن فِئَةٍ قَلِيلَةٍ غَلَبَتْ فِئَةً كَثِيرَةً بِإِذْنِ اللَّهِ ۗ وَاللَّهُ مَعَ الصَّابِرِينَ ﴿٢٤٩﴾ ﴾

«Чӣ басо гурӯҳи андак, ки ба ҳукми Аллоҳ бар гурӯҳи бисёр пируз шудааст ва Аллоҳ бо собирон аст». Сураи Бақара, ояти:249

**Исботи калом барои Аллоҳ таъоло**

Ва фармудаи Ӯ:﴿وَمَنۡ أَصۡدَقُ مِنَ ٱللَّهِ حَدِيثٗا ٨٧﴾«Ва чӣ касе аз Аллоҳ ростгӯтар аст». Сураи Нисо, ояти:87

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَمَنۡ أَصۡدَقُ مِنَ ٱللَّهِ قِيلٗا ١٢٢﴾«Ва сухани чӣ касе аз Аллоҳ росттар аст». Сураи Нисо, ояти:122

Ва фармудаи Ӯ: ﴿إِذۡ قَالَ ٱللَّهُ يَٰعِيسَى ٱبۡنَ مَرۡيَمَ﴾«Замоне ки Аллоҳ гуфт:Эй Исо писари Марям». Сураи Моида, ояти:110

Ва фармудаи Ӯ:﴿وَتَمَّتۡ كَلِمَتُ رَبِّكَ صِدۡقٗا وَعَدۡلٗا﴾«Ва каломи Парвардигори Ту аз рӯи ростӣ ва адолат ба ҳадди камол расид». Сураи Анъом, ояти:115

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَكَلَّمَ ٱللَّهُ مُوسَىٰ تَكۡلِيمٗا ١٦٤﴾«Ва Аллоҳ бо Мусо ба таври ошкор сухан гуфт». Сураи Нисо, ояти:164

Ва фармудаи Ӯ:﴿مِّنۡهُم مَّن كَلَّمَ ٱللَّهُ﴾«Касе аз онон ҳаст, ки Аллоҳ бо ӯ сухан гуфт». Сураи Бақара, ояти:253

Ва фармудаи Ӯ: ﴿وَلَمَّا جَآءَ مُوسَىٰ لِمِيقَٰتِنَا وَكَلَّمَهُۥ رَبُّهُۥ﴾«Ва чун Мусо ба миоди Мо омад ва Парвардигораш бо ӯ сухан гуфт». Сураи Аъроф, ояти:143

Ва фармудаи Ӯ:﴿وَنَٰدَيۡنَٰهُ مِن جَانِبِ ٱلطُّورِ ٱلۡأَيۡمَنِ وَقَرَّبۡنَٰهُ نَجِيّٗا ٥٢﴾«Ва аз сӯи рости (куҳи) Тур ӯро нидо кардем ва ӯро розгӯён наздик сохтем». Сураи Марям, ояти:52

Ва фармудаи Ӯ:﴿ وَإِذْ نَادَىٰ رَبُّكَ مُوسَىٰٓ أَنِ ٱئْتِ ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٠﴾ ﴾«Ва онгоҳ ки Парвардигорат Мусоро нидо кард, ки ба сӯи гурӯҳи ситамкор бирав». Сураи Шуъаро, ояти:10

Ва фармудаи Ӯ:﴿ وَنَادَىٰهُمَا رَبُّهُمَآ أَلَمْ أَنْهَكُمَا عَن تِلْكُمَا ٱلشَّجَرَةِ ﴾«Ва Парвардигорашон ононро нидо кард:Оё шуморо аз ин дарахт манъ накарда будам». Сураи Аъроф, ояти:22

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَيَوْمَ يُنَادِيهِمْ فَيَقُولُ مَاذَآ أَجَبْتُمُ ٱلْمُرْسَلِينَ ﴿٦٥﴾ ﴾«Ва рӯзе, ки (Аллоҳ) ононро нидо мекунад, онгоҳ мефармояд:Ба расулон чӣ посух додед». Сураи Қасас, ояти:65

Ва фармудаи Ӯ:التوبة ﴿ وَإِنْ أَحَدٌ مِّنَ ٱلْمُشْرِكِينَ ٱسْتَجَارَكَ فَأَجِرْهُ حَتَّىٰ يَسْمَعَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ﴾

«Ва агар касе аз мушрикон аз Ту амон хост, ба ӯ амон деҳ, то каломи Аллоҳро бишнавад». Сураи Тавба, ояти:6

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ وَقَدْ كَانَ فَرِيقٌ مِّنْهُمْ يَسْمَعُونَ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ثُمَّ يُحَرِّفُونَهُۥ مِنۢ بَعْدِ مَا عَقَلُوهُ وَهُمْ يَعْلَمُونَ ﴿٧٥﴾ ﴾

«Ва ба таҳқиқ гурӯҳе аз онон сухани Аллоҳро мешуниданд, сипас онро пас аз фаҳмиданаш огоҳона таҳриф мекарданд». Сураи Бақара, ояти:75

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ يُرِيدُونَ أَن يُبَدِّلُوا۟ كَلَٰمَ ٱللَّهِ ۚ قُل لَّن تَتَّبِعُونَا كَذَٰلِكُمْ قَالَ ٱللَّهُ مِن قَبْلُ ﴾

«Мехоҳанд сухани Аллоҳро дигаргун созанд, бигӯ:Ҳаргиз аз мо пайравӣ нахоҳед кард. Аллоҳ аз пеш чунин фармудааст». Сураи Фатҳ, ояти:15

Ва фармудаи Ӯ:﴿ وَٱتۡلُ مَآ أُوحِيَ إِلَيۡكَ مِن كِتَابِ رَبِّكَۖ لَا مُبَدِّلَ لِكَلِمَٰتِهِۦ ﴾«Ва он чиро, ки аз китоби Парвардигорат ба Ту ваҳй шудааст, бихон, калимоташ дигаргункунандае надорад». Сураи Каҳф, ояти:27

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ إِنَّ هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانَ يَقُصُّ عَلَىٰ بَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ أَكۡثَرَ ٱلَّذِي هُمۡ فِيهِ يَخۡتَلِفُونَ ٧٦ ﴾

«Албатта ин Қуръон бар бани Исроил бештар он чиро, ки онон дар он ихтилоф мекунанд, баён мекунад». Сураи Намл, ояти:76

**Исботи нозил шудани Қуръон аз ҷониби Аллоҳ таъоло**

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ وَهَٰذَا كِتَٰبٌ أَنزَلۡنَٰهُ مُبَارَكٌ ﴾«Ва ин китоби муборак аст, ки Мо онро нозил кардаем». Сураи Анъом, ояти:155

Ва фармудаи Ӯ:﴿ لَوۡ أَنزَلۡنَا هَٰذَا ٱلۡقُرۡءَانَ عَلَىٰ جَبَلٍ لَّرَأَيۡتَهُۥ خَٰشِعًا مُّتَصَدِّعًا مِّنۡ خَشۡيَةِ ٱللَّهِ ﴾

«Агар ин Қуръонро бар куҳе нозил мекардем, ба яқин онро аз бими Аллоҳ хоксор ва аз ҳам пошида медидӣ». Сураи Ҳашр, ояти:21

Ва фармудаи Ӯ:

﴿ وَإِذَا بَدَّلۡنَآ ءَايَةً مَّكَانَ ءَايَةٍ وَٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِمَا يُنَزِّلُ قَالُوٓاْ إِنَّمَآ أَنتَ مُفۡتَرِۭۚ بَلۡ أَكۡثَرُهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ ١٠١ قُلۡ نَزَّلَهُۥ رُوحُ ٱلۡقُدُسِ مِن رَّبِّكَ بِٱلۡحَقِّ لِيُثَبِّتَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَهُدًى وَبُشۡرَىٰ لِلۡمُسۡلِمِينَ ١٠٢ وَلَقَدۡ نَعۡلَمُ أَنَّهُمۡ يَقُولُونَ إِنَّمَا يُعَلِّمُهُۥ بَشَرٞۗ لِّسَانُ ٱلَّذِي يُلۡحِدُونَ إِلَيۡهِ أَعۡجَمِيّٞ وَهَٰذَا لِسَانٌ عَرَبِيّٞ مُّبِينٌ ١٠٣ ﴾

«Ва чун оятеро ба ҷои ояти дигар ҷойгузин кунем ва Аллоҳ ба он чи фурӯ мефиристад, донотар аст, гӯянд:Ҷуз ин нест, ки ту ифтирозанандаи, (чунин нест) балки бештарашон намедонанд. Бигӯ:Рӯҳулқуддус онро аз сӯи Парвардигорат ба ҳақ фуруд оварда аст, то мӯъминонро устувор бидорад ва (низ) барои роҳнамоӣ ва

мужда додани таслимшудагон аст. Ва ба рости медонем, ки онон (кофирон) мегӯянд:Ҷуз ин нест, ки башаре ба ӯ меомӯзад. Забони касе, ки (ин омӯзиши иддиои)-ро ба ӯ нисбат медиҳанд, аҷамӣ аст ва ин (Қуръон ба) забони арабии равшан аст». Сураи Наҳл, ояти:101-103

## Исботи дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат

Ва фармудаи Ӯ:﴿ وُجُوهٌ يَوْمَئِذٍ نَّاضِرَةٌ ﴿٢٢﴾ إِلَىٰ رَبِّهَا نَاظِرَةٌ ﴿٢٣﴾ ﴾«Дар он рӯз мӯъминон бо рӯйҳои тоза, назар кунанд ба сӯи Парвардигори худ». Сураи Қиёмат, ояти:22-23

Ва фармудаи Ӯ:﴿ عَلَى ٱلْأَرَآئِكِ يَنظُرُونَ ﴾«Бар тахтҳо (нишаста ва) менигаранд». Сураи Мутаффифин, ояти:23

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ لِّلَّذِينَ أَحْسَنُوا۟ ٱلْحُسْنَىٰ وَزِيَادَةٌ ﴾«Касоне ки некукори кардаанд, некӯӣ (биҳишт) ва афзуда бар он доранд». Сураи Юнус, ояти:26

Ва фармудаи Ӯ: ﴿ لَهُم مَّا يَشَآءُونَ فِيهَا وَلَدَيْنَا مَزِيدٌ ﴿٣٥﴾ ﴾«Барои биҳиштиён дар онҷо ҳарчи бихоҳанд омода аст ва боз афзунтар аз он назди Мо хоҳад буд». Сураи Қоф, ояти:35

Ва дар ин бора дар китоби Аллоҳ бисёр аст. Касе Қуръонро бо тадаббур бихонад, дар ҳоле ки аз он ҳидоятро талаб менамояд, барои вай роҳи ҳақ маълум мешавад.

## Далеловарӣ бар исботи номҳо ва сифатҳои Аллоҳ аз суннат

Сипас дар Суннати Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, пас Суннат Қуръонро тафсиру баён мекунад ва бар он далолат мекунад ва онро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ва ба сифате, ки Расул саллаллоҳу алайҳи ва саллам Парвардигораш азза ва ҷалларо дар ҳадисҳои дуруст васф кардааст, ба он низ имон овардан воҷиб аст. Аз ҷумлаи он ҳадисҳо:

### Исботи фуруд омадани Аллоҳ ба сӯи осмони дунё ба тавре ки шоистаи бузургии Ӯст

Монанди фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

يَنْزِلُ رَبُّنَا تَبَارَكَ وَتَعَالَى كُلَّ لَيْلَةٍ إِلَى السَّمَاءِ الدُّنْيَا حِينَ يَبْقَى ثُلُثُ اللَّيْلِ الآخِرُ يَقُولُ : مَنْ يَدْعُونِي فَأَسْتَجِيبَ لَهُ مَنْ يَسْأَلُنِي فَأُعْطِيَهُ مَنْ يَسْتَغْفِرُنِي فَأَغْفِرَ لَهُ.متفق عليه

«Парвардигори мо таборак ва таъоло ҳар шаб, вақте сеяки охири шаб боқӣ мемонад, фурӯ меояд, мегӯяд:Кӣ Маро дуо мекунад, пас дуояшро қабул кунам ва кӣ аз Ман ҳоҷаташро мепурсад, то он чи мехоҳад ба вай бидиҳам, кӣ аз Ман талаби омӯрзиш мекунад, пас вайро мағфират кунам». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

### Исботи ин ки Аллоҳ шод мешавад, механдад ва тааҷҷуб мекунад

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

لَلَّهُ أَشَدُّ فَرَحًا بِتَوْبَةِ عَبْدِهِ الْمُؤْمِنِ التائب مِنْ أحدكم براحلته. متفق عليه

«Аллоҳ беҳад шодмон мегардад аз тавбаи бандаи худ, мӯъмини тавбакунанда, бештар аз хушии яке аз шумо, ки шутурашро меёбад». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

« يَضْحَكُ اللَّهُ إِلَى رَجُلَيْنِ يَقْتُلُ أَحَدُهُمَا الآخَرَ كِلاَهُمَا يَدْخُلُ الْجَنَّةَ ».

«Аллоҳ ба сӯи ду марде механдад, ки якеи онҳо дигарияшро мекушад, ҳардуяшон дохили Ҷаннат мешаванд». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

«عَجِبَ رَبُّنَا مِنْ قُنُوطِ عِبَادِهِ ، وَقُرْبِ غِيَرِهِ ينظر إليكم أزلين قنيطين فيظل يضحك يعلم أن فرجكم قريب».

«Парвардигорамон аз ноумед шудани бандагонаш ва наздик будани дигар шудани ҳолаташ тааҷҷуб мекунад. Ба шумо назар мекунад, ки дар сахтӣ воқеъ шудаву ноумед гаштаед, пас механдад, зеро медонад, ки кушоишу роҳататон наздик аст».

**Исботи риҷл (по) ва қадам барои Аллоҳ субҳонаҳу**

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

« لاَ تَزَالُ جَهَنَّمُ يُلْقَى فِيهَا وَتَقُولُ هَلْ مِنْ مَزِيدٍ حَتَّى يَضَعَ رَبُّ الْعِزَّةِ فِيهَا رِجْلَهُ–وفي رواية–عَلَيْهَا قَدَمَهُ فَيَنْزَوِى بَعْضُهَا إِلَى بَعْضٍ وَتَقُولُ قَطْ قَطْ ».

«Ҳамеша дар дӯзах андохта мешавад ва ӯ мегӯяд:Оё бештар аз ин нест, то он ки Аллоҳ таъоло бар он пойи худро –ва дар ривояте-қадами худро мегузорад, пас танг мегардаду фароҳам меояд ва мегӯяд:Бас, бас». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

**Исботи нидо ва савт (овоз) ва калом барои Аллоҳ таъоло**

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

يَقُولُ اللَّهُ تَعَالَى: يَا آدَمُ! فَيَقُولُ لَبَّيْكَ وَسَعْدَيْكَ. فَيُنَادَى بِصَوْتٍ إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُكَ أَنْ تُخْرِجَ مِنْ ذُرِّيَّتِكَ بَعْثًا إِلَى النَّارِ.

«Аллоҳ таъоло мегӯяд:Эй Одам! Пас Одам алайҳис салом мегӯяд:Гӯш ба фармони Туам, дар хидмати Ту ҳозирам. Пас ба овозе нидо мекунад, албатта Аллоҳ туро амр мекунад, ки аз фарзандонат гурӯҳеро ба оташ (дӯзах) бифирист».

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

مَا مِنْكُمْ مِنْ أَحَدٍ إِلاَّ سَيُكَلِّمُهُ رَبُّهُ لَيْسَ بَيْنَهُ وَبَيْنَهُ تُرْجُمَانٌ

«Ҳеҷ яке аз шумо нест, магар ки Аллоҳ бо ӯ сухан мегӯяд, дар ҳоле ки дар байнашон тарҷумон вуҷуд надорад».

## Исботи олӣ будани Аллоҳ бар халқаш ва истивои Ӯ бар аршаш

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар руқияи бемор:

« رَبُّنَا اللَّهُ الَّذِى فِى السَّمَاءِ تَقَدَّسَ اسْمُكَ أَمْرُكَ فِى السَّمَاءِ وَالأَرْضِ كَمَا رَحْمَتُكَ فِى السَّمَاءِ فَاجْعَلْ رَحْمَتَكَ فِى الأَرْضِ اغْفِرْ لَنَا حُوبَنَا وَخَطَايَانَا أَنْتَ رَبُّ الطَّيِّبِينَ أَنْزِلْ رَحْمَةً مِنْ رَحْمَتِكَ وَشِفَاءً مِنْ شِفَائِكَ عَلَى هَذَا الْوَجَعِ فَيَبْرَأُ ». حديث حسن رواه أبو داود وغيره.

«Парвардигори мо Аллоҳест, ки дар осмон аст, номи Ту пок аст, амри Ту дар осмон ва замин аст, чунонки раҳмати Ту дар осмон аст. Пас бигардон раҳмати худатро дар замин, бадиҳо ва гуноҳони моро биёмӯрз, Ту Парвардигори поконӣ фурӯ бифирист раҳмате аз раҳмати худ ва шифое аз шифоҳои худ бар ин дарду ранҷ, пас он дард дур гардад». (Ҳадиси ҳасан аст, Абӯдовуд ва дигарон ривоят кардаанд).

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

«أَلاَ تَأْمَنُونِي وَأَنَا أَمِينُ مَنْ فِي السَّمَاءِ» حديث صحيح.

«Оё маро амин намешуморед, дар ҳоле ки ман амини касе ҳастам, ки дар осмон аст». Ҳадиси саҳеҳ аст.

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

«وَالْعَرْشُ عَلَى الْمَاءِ ، وَاللَّهُ تَعَالَى فَوْقَ الْعَرْشِ ، وَهُوَ يَعْلَمُ مَا أَنْتُمْ عَلَيْهِ». حديث حسن رواه أبو داود وغيره.

«Ва арш бар болои об аст ва Аллоҳ таъоло болои арш аст ва Ӯ медонад шумо дар чӣ ҳолат ҳастед». (Ҳадиси ҳасан аст, Абӯдовуд ва дигарон ривоят кардаанд).

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам барои ҷория (ғуломзан):

« أَيْنَ اللَّهُ ». قَالَتْ فِي السَّمَاءِ. قَالَ « مَنْ أَنَا ». قَالَتْ أَنْتَ رَسُولُ اللَّهِ. قَالَ « أَعْتِقْهَا فَإِنَّهَا مُؤْمِنَةٌ ».

«Аллоҳ дар куҷост? Гуфт:Дар осмон. Пурсид:Ман кӣ ҳастам? Гуфт:Ту фиристодаи Аллоҳ ҳастӣ. Фармуд:Озодаш кун, ин зан мӯъмина аст». (Ривояти Муслим)

**Исботи маъияти Аллоҳ бо халқаш ва албатта ин олӣ будани Ӯро бар болои аршаш нафй намекунад**

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

«أَفْضَلَ الإِيمَانِ أَنْ تَعْلَمَ أَنَّ اللَّهَ مَعَكَ حَيْثُ كُنْتَ». حديث حسن.

«Беҳтарини имон он аст, ки бидонӣ, ки дар куҷое бошӣ Аллоҳ бо ҳамроҳи ту аст». (Ҳадиси ҳасан аст)

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

«إِذَا قَامَ أَحَدُكُمْ إِلَى الصَّلاَةِ فَلاَ يَبْصُقْ قِبَلَ وَجهِهِ ولا عن يمينه فإنَّ الله قبل وجهه ولكن عن يساره أو تحت قدمه». متفق عليه

«Ҳаргоҳ яке аз шумо барои намоз истод, пас ба тарафи пеши рӯяш туф накунад ва на ба тарафи росташ, албатта Аллоҳ дар пеши рӯяш аст, вале ба тарафи чапаш, ё дар зери қадамаш туф кунад». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

« اللَّهُمَّ رَبَّ السَّمَوَاتِ (السبع) وَرَبَّ الأَرْضِ وَرَبَّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ رَبَّنَا وَرَبَّ كُلِّ شَيْءٍ فَالِقَ الْحَبِّ وَالنَّوَى وَمُنْزِلَ التَّوْرَاةِ وَالإِنْجِيلِ وَالْفُرْقَانِ أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ كُلِّ شَيْءٍ أَنْتَ آخِذٌ بِنَاصِيَتِهِ اللَّهُمَّ أَنْتَ الأَوَّلُ فَلَيْسَ قَبْلَكَ شَيْءٌ وَأَنْتَ الآخِرُ فَلَيْسَ بَعْدَكَ شَيْءٌ وَأَنْتَ الظَّاهِرُ فَلَيْسَ فَوْقَكَ شَيْءٌ وَأَنْتَ الْبَاطِنُ فَلَيْسَ دُونَكَ شَيْءٌ اقْضِ عَنِّي الدَّيْنَ وَأَغْنِنِي مِنَ الْفَقْرِ ». رواه المسلم

«Эй Аллоҳ! Эй Парвардигори ҳафт осмон ва Парвардигори замин! Ва эй Парвардигори арши бузург! Эй Парвардигори мо ва Парвардигори ҳамаи чиз! Эй шикофандаи дона ва ҳаста! Эй фурӯ фиристодандаи Таврот, Инҷил ва Фурқон (Қуръон)! Аз шарри ҳамаи чиз ба Ту паноҳ мебарам, ки зимоми ҳама ба дасти Туст. Эй

Аллоҳ, Ту аввалӣ ва пеш аз Ту чизе нест, охирӣ ва баъд аз Ту чизе нахоҳад буд, ошкорӣ ва болотар аз Ту чизе нест ва ниҳонӣ ва пӯшидатар аз Ту чизе нест, қарзи маро бароварда соз ва маро аз фақр раҳо кун». (Ривояти Муслим)

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, вақте ки саҳобагон овозҳояшонро ба зикр баланд карданд:

«أَيُّهَا النَّاسُ ارْبَعُوا عَلَى أَنْفُسِكُمْ ، فَإِنَّكُمْ لاَ تَدْعُونَ أَصَمَّ وَلاَ غَائِبًا إِنَّمَا تَدْعُونَ سَمِيعًا قَرِيبًا، وَإِنَّ الَّذِي تَدْعُونَهُ أَقْرَبُ إِلَى أَحَدِكُمْ مِنْ عُنُقِ رَاحِلَتِهِ». متفق عليه

«Эй мардум бар худ нармӣ кунед, пас албатта шумо кар, ё ғоибро дуо намекунед, балки шумо шунавову қарибро дуо мекунед ва албатта касе, ки шумо Ӯро дуо мекунед ба шумо аз гардани шутуронатон наздиктар аст». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## Исботи дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат

Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:

إِنَّكُمْ سَتَرَوْنَ رَبَّكُمْ كَمَا تَرَوْنَ الْقَمَرَ (ليلة البدر) لاَ تُضَامُّونَ فِي رُؤْيَتِهِ فَإِنِ اسْتَطَعْتُمْ أَنْ لاَ تُغْلَبُوا عَلَى صَلاَةٍ قَبْلَ طُلُوعِ الشَّمْسِ وَصَلاَةٍ قَبْلَ غُرُوبِها فَافْعَلُوا. متفق عليه

«Албатта шумо Парвардигоратонро мебинед, ҳамчуноне ки ин моҳро дар шаби чордаҳум мебинед ва дар дидани Аллоҳ якдигарро тела намедиҳед. Пас агар тавонед дар адои намозе, ки пеш аз баромадани офтоб аст ва намозе, ки пеш аз ғуруби офтоб аст, (яъне намози бомдод ва аср) мағлуб нашавед, пас адо кунед». (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

## Дидгоҳи аҳли суннат нисбат ба ҳадисҳое, ки дар мавзӯи исботи сифатҳои парвардигор аст

Ба монанди ин ҳадисҳое, ки дар он Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз Парвардигораш хабар медиҳад. Пас албатта фирқаи ноҷия, аҳли суннат ва ҷамоат ба он имон меоранд, ҳамчунон ба он чизе, ки Аллоҳ дар китоби азизаш ба он хабар додааст, бетаҳриф, бетаътил, бетакйиф ва бетамсил, балки онон дар миёни фирқаҳои уммат миёнарав ҳастанд, ҳамонгуна ки уммат дар миёни умматҳо васат (миёна) аст.

## Манзалати аҳли суннат ва ҷамоат дар миёни фирқаҳои уммат

Онон дар мавзӯи сифатҳои Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло дар байни аҳли таътил, ҷаҳамия ва аҳли тамсил, мушаббиҳа васатанд ва онон дар боби феълҳои Аллоҳ таъоло дар миёни ҷабрия ва қадария ҳастанд ва дар боби ваъиди Аллоҳ дар байни мурҷиа ва ваъидияи қадария ва ғайрашон ҳастанд ва дар боби исмҳои имон ва дин дар байни ҳарурия ва мӯътазила ва дар байни мурҷиа ва ҷаҳамияанд ва дар мавзӯи асҳоби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар байни рофиза ва хавориҷ ҳастанд.

## Воҷиб будани имон ба истивои Аллоҳ бар аршаш ва олӣ будани Ӯ бар халқаш ва маъияти Ӯ бо халқаш ва ин ки дар байни ин ду амр мунофот нест

Ба таҳқиқ дохил аст дар он чизе ки мо дар мавзӯи имони ба Аллоҳ зикр кардем:Имон овардан ба он чизе, ки Аллоҳ дар китобаш аз он хабар дода ва аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба таври мутавотир ба мо расида аст ва гузаштагони уммат бар он иҷмоъ кардаанд, яъне бар ин ки Ӯ субҳонаҳу болои осмонҳояш, бар аршаш, бар болои халқаш олӣ аст ва Ӯ субҳонаҳу

дар ҳарҷо ки бошанд бо онҳост, он чи мекунанд, медонад. Ҳамчуноне ки миёни ин ду дар фармудааш ҷамъ намудааст:

﴿هُوَ ٱلَّذِى خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ فِى سِتَّةِ أَيَّامٍ ثُمَّ ٱسْتَوَىٰ عَلَى ٱلْعَرْشِ ۚ يَعْلَمُ مَا يَلِجُ فِى ٱلْأَرْضِ وَمَا يَخْرُجُ مِنْهَا وَمَا يَنزِلُ مِنَ ٱلسَّمَآءِ وَمَا يَعْرُجُ فِيهَا ۖ وَهُوَ مَعَكُمْ أَيْنَ مَا كُنتُمْ ۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرٌ ۝٤﴾

«Аллоҳ Зотест, ки офарид осмонҳову заминро дар шаш рӯз, боз мустақар шуд бар Арши худ, Ӯ медонад он чи медарояд (мисли оби барфу борон, хазинаю дафина ва аҷсоди мурдагон) дар замин ва он чи (Яъне набототу растаниҳо, оби чашмаҳо ва ғайра), ки хориҷ мешавад аз замин ва он чи (яъне ризқу насиба, хайру баракат), ки фуруд меояд аз осмон ва он чи (яъне амали солеҳ, дуову илтиҷо), ки боло меравад ба сӯи осмон ва Аллоҳ бо шумост ҳар ҷо, ки бошед ва Аллоҳ ба кирдору аъмоли шумо биност». Сураи Ҳадид, ояти:4

Ва маънои қавлаш:«Ва Ӯ бо шумост» чунин нест, ки Ӯ бо халқаш омехта бошад. Албатта ин маъноро луғати арабӣ лозим намегардонад ва он бар хилофи иҷмоъи гузаштагони уммат ва хилофи фитратест, ки Аллоҳ халқашро бар он офаридааст, мебошад, балки моҳтоб нишонае аз нишонаҳои Аллоҳ, аз хурдтарин махлуқоташ аст ва он дар осмон гузошта шудааст ва он бо ҳамроҳии мусофир ва ғайри мусофир аст дар ҳарҷо, ки бошад. Ва Ӯ субҳонаҳу бар болои Арш аст, халқашро назорат мекунад, ононро муҳофизат мекунад, аз кирдори онон огоҳи дорад ва ғайра аз маъниҳои Парвардигорияш. Ва ҳамаи ин суханоне, ки Аллоҳ субҳонаҳу зикр кардааст, яъне Ӯ бар болои Арш аст ва ин ки Ӯ бо мост, бар ҳақиқаташон ҳаққанд, эҳтиёҷ ба таҳрифи онҳо нест, вале аз гумонҳои дурӯғ нигоҳ дошта мешавад, мисли ин ки гумон бурда шавад, ки зоҳири қавлаш, ки: «Дар осмон аст» ин ки осмон Ӯро мебардорад, ё соягӣ мекунад. Ин гумон ба иҷмоъи аҳли илму имон ботил аст.

Пас албатта курсии Аллоҳ осмонҳову заминро фаро гирифтааст. Ва Ӯ бозмедорад осмонҳову заминро, ки аз байн раванд ва бозмедорад осмонро, ки бар болои замин афтад, магар ба ҳукми Ӯ. Ва аз нишонаҳои Ӯ ин аст, ки осмону замин ба амри Ӯ қоиманд.

### Воҷиб будани имон ба наздик будани Аллоҳ ба халқаш ва ин ки ин олию фавқияти Ӯро нафй намекунад

Ба таҳқиқ дар зимни ин дохил аст, имон доштан ба ин ки Ӯ ба халқаш қариб асту иҷобаткунанда, ҳамчуноне ки дар миёни ин ду амр дар фармудааш ҷамъ овардааст:

﴿ وَإِذَا سَأَلَكَ عِبَادِى عَنِّى فَإِنِّى قَرِيبٌ ﴾

«Ва ҳаргоҳ бандагонам Туро аз Ман бипурсанд, пас албатта Ман қарибам». Сураи Бақара, ояти:186

Ва фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам:«Албатта Зотеро, ки шумо дуо мекунед, нисбати яке аз шумо аз гардани шутураш дида наздиктар аст».

Ва он чизе, ки дар Қуръону Суннат дар мавзӯи қарибию ҳамроҳияш зикр шудааст, нафй намекунад он чизеро, ки дар мавзӯи улуву фавқияташ зикр шудааст.

Пас албатта монанди Ӯ субҳонаҳу дар ҳамаи сифатҳояш чизе нест. Ва Ӯ олияст дар наздик буданаш, қариб аст дар олӣ будан-аш.

### Воҷиб будани имон бар ин ки Қуръони карим дар ҳақиқат каломи Аллоҳ аст

Аз ҷумлаи имони ба Аллоҳ ва китобҳояш имон овардан бар ин аст, ки Қуръон каломи Аллоҳ аст, нозилшудаасту махлуқ нест. Аз Ӯ содир шуда ва ба сӯи Ӯ бозмегардад ва ин ки Аллоҳ таъоло ба он дар ҳақиқат сухан гуфтааст. Ин Қуръоне, ки бар Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам нозил кардааст, дар ҳақиқат каломи Аллоҳ аст, на каломи ғайри Ӯ.

Гуфтан ҷоиз нест, ки ҳикоят аз каломи Аллоҳ аст, ё таъбир аз он аст, балки ҳаргоҳ мардум онро тиловат кунанд, ё онро дар мусҳафҳо бинависанд, ба сабаби ин аз каломи ҳақиқии Аллоҳ

таъоло будан, хориҷ намешавад. Албатта сухан дар ҳақиқат ба касе нисбат дода мешавад, ки онро аввал гуфтааст, на ба касе, ки онро аз рӯи расонидан гуфтааст. Ва ҳарфҳову маъниҳояш каломи Аллоҳ аст, каломи Аллоҳ ҳарфҳои бемаъно нест ва на маъноҳои беҳарфҳо.

**Воҷиб будани имон ба дидани мӯъминон Парвардигорашонро дар рӯзи қиёмат ва мавзеъҳои дидан**

Дар зимни он чизе, ки зикр кардем, яъне имони ба Аллоҳ, ба китобҳои Ӯ, ба малоикаҳои Ӯ ва ба расулони Ӯ дохил мешавад, имон доштан ба ин ки мӯъминон дар рӯзи қиёмат Аллоҳро ба чашмонашон мебинанд, ҳамонгуна ки офтобро дар рӯзе, ки абр нест мебинанд ва ҳамонгуна ки моҳтоби шаби чаҳордаҳумро мебинанд, дар дидани он ҷойи якдигарро танг намекунанд. Онон Аллоҳ субҳонаҳуро дар арасоти қиёмат мебинанд, сипас баъди даромадани Ҷаннат, ҳамонгуна ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло бихоҳад, мебинанд.

**Он чизе, ки дар зимни имони ба рӯзи қиёмат дохил мешавад**

Аз ҷумлаи имони ба рӯзи охират, имон овардан ба ҳар он чизест, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз воқеъ шудани он хабар додааст, яъне чизҳое, ки баъди марг мебошад, пас ба фитнаи қабр ва ба азобу неъматҳои он имон меоранд.

Аммо фитнаи қабр:Албатта мардум дар қабрҳояшон имтиҳон карда мешаванд, пас барои мард гуфта мешавад:Парвардигорат кист? Динат чист? Паёмбарат кист? Пас Аллоҳ мӯъминонро ба қавли собит дар ҳаёти дунёву охират устувор месозад, пас мӯъмин мегӯяд:Аллоҳ парвардигори ман, Ислом дини ман ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам паёмбарӣ ман аст.

Ва аммо муртоб (шакдор) мегӯяд:Ҳо-ҳо, намедонам, мардум-ро шунидам чизе мегуфтанд, пас ман ҳам гуфтам. Пас ба гурзи оҳанин

зада мешавад, фарёде мезанад, ки ҳамаи чиз ба ҷуз инсон онро мешунавад ва агар инсон онро шунавад, ҳаройина беҳуш мешавад.

Сипас баъди ин фитна ё неъмат ва ё азоб аст, то барпо шудани қиёмати кубро. Пас рӯҳҳо ба ҷасадҳо бозгардонида мешавад ва қиёмате, ки Аллоҳ ба он дар китобаш ва ба забони расулаш хабар додааст ва мусалмонон бар он иҷмоъ кардаанд, барпо мешавад. Пас мардум аз қабрҳояшон дар назди Парвардигори оламиён, пойи луч, тани бараҳна, хатна нокарда мехезанд ва офтоб ба онон наздик мешавад ва арақи баданашон ба даҳонашон мера-сад, пас тарозуҳо гузошта мешаваду ба онҳо аъмоли бандагон вазн карда мешавад:

﴿ فَمَن ثَقُلَتۡ مَوَٰزِينُهُۥ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ١٠٢ وَمَنۡ خَفَّتۡ مَوَٰزِينُهُۥ فَأُوْلَٰٓئِكَ ٱلَّذِينَ خَسِرُوٓاْ أَنفُسَهُمۡ فِي جَهَنَّمَ خَٰلِدُونَ ١٠٣ ﴾

«Пас дар он рӯз ҳар он ки аъмолаш вазбин аст, онон растагор-анд. Ва ҳар он ки аъмолаш сабуквазн аст, онон касоне ҳастанд, ки худашонро дар зиён андохтаанд ва дар Дӯзах ҳамеша хоҳанд буд». Сураи Мӯъминун, ояти:102-103

Ва саҳифаҳои аъмол нашр карда мешаванд, пас касе китобашро ба дасти рост мегирад ва шахсе ба дасти чап, ё аз паси пушташ мегирад, ҳамчуноне ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд:

﴿ وَكُلَّ إِنسَٰنٍ أَلۡزَمۡنَٰهُ طَٰٓئِرَهُۥ فِي عُنُقِهِۦۖ وَنُخۡرِجُ لَهُۥ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ كِتَٰبٗا يَلۡقَىٰهُ مَنشُورًا ١٣ ٱقۡرَأۡ كِتَٰبَكَ كَفَىٰ بِنَفۡسِكَ ٱلۡيَوۡمَ عَلَيۡكَ حَسِيبٗا ١٤ ﴾

«Ва Мо натиҷаи аъмоли нек ва бадӣ ҳар инсонеро тавқи гардани ӯ сохтем, ки мулозим ва қарини ҳамешагии ӯ бошад ва рӯзи қиёмат китобе, ки номаи аъмоли ӯст бар ӯ берун орем, дар ҳоле ки он нома чунон боз бошад, ки ҳамаи варақҳои онро як мартаба мулоҳиза кунад ва ба ӯ хитоб расад, ки ту худ китоби

аъмолатро бихон ва бингар, то дар дунё чӣ кардаӣ, ки ту худ танҳо барои расидагӣ ба ҳисоби хеш кофӣ ҳастӣ». Сураи Исро, ояти:13-14

Ва Аллоҳ аъмоли халқро ҳисоб мекунад ва бо бандаи мӯъминаш хилват карда, ӯро ба гуноҳонаш иқрор месозад, ҳамонгуна ки ин дар Қуръон ва Суннат васф карда шудааст.

Ва аммо кофирон ҳисоб карда намешаванд ҳисоби кардани шахсе, ки некиҳову бадиҳояш вазн карда мешавад, пас албатта барои онон ҳисоб нест, вале аъмолашон шумурда мешавад, пас бар он аъмолашон боздошта мешаванд ва ба онҳо иқрор кунонида мешаванд.

### Ҳавзи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам макон ва сифатҳои он

Дар арасоти қиёмат барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ҳавзи воридшуданӣ аст:Обаш сафедтар аз шир, ширинтар аз асал, зарфҳояш ба ададди ситорагони осмон, масофаи дарозӣ ва паҳноияш якмоҳа роҳ аст, касе аз он якбор бинӯшад, баъди он ҳаргиз ташна намемонад.

### Сирот, маънои он, макони он, васфи он ва гузаштани мардум бар он

Сирот бар пушти Ҷаҳаннам гузошта шудааст ва он пулест дар миёни Ҷаннату Дӯзах, мардум ба болои он ба андозаи аъмолашон мегузаранд. Баъзе ба андозаи мижа задан ва баъзе монанди барқ ва баъзе монанди бод ва баъзе монанди аспи давон ва баъзе монанди шутурсавор ва баъзе давон ва баъзе қадамзанон ва баъзе хазида мегузарад. Ва баъзеро чанг зада шуда дар оташи Ҷаҳаннам андохта мешавад.

### Қантара байни Ҷаннат ва Дӯзах аст

Пас касе аз пули Сирот гузашт дохили Ҷаннат мешавад. Ҳаргоҳ аз пули Сирот гузаштанд бар Қантара, ки байни Ҷаннату Дӯзах аст, манъ карда мешаванду аз якдигар қасос мегиранд, пас ҳаргоҳ тозаву соф шудан барояшон ба даромадани Ҷаннат иҷозат дода

мешавад. Ва нахустин касе ки талаби кушодани дари Ҷаннат мекунад, Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст ва нахустин уммате, ки Ҷаннат медарояд, уммати Ӯст.

**Шафоати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам**

Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар қиёмат дорои се шафоат аст.

Шафоати якум:Аҳли маҳшарро шафоат мекунад, то дар байн-ашон қазоват шавад, баъди оне, ки паёмбарон, Одам, Нуҳ, Иброҳим, Мусо ва Исо писари Марям аз шафоат худдорӣ мекунанд, то ба Ӯ мерасанд.

Шафоати дуввум:Барои аҳли Ҷаннат шафоат мекунад, ки вориди Ҷаннат шаванд. Ин ду шафоат хосси Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст.

Шафоати сеюм:Касоне, ки шоистаи оташи Дӯзаханд шафоат мекунад. Ин шафоат барои Ӯ ва дигар паёмбарон ва сиддиқон ва дигарон мебошад. Пас барои касе, ки шоистаи оташи Дӯзах аст, шафоат мекунад, ки ба он дохил нашавад ва касе, ки дохили он шудааст, шафоат мекунад, ки аз он хориҷ шавад.

**Баровардани Аллоҳ баъзе гунаҳгоронро аз Дӯзах ба раҳматаш бешафоат**

Ва Аллоҳ аз оташи Дӯзах қавмҳоеро бешафоат берун меорад, ба фазлу раҳматаш ва дар Ҷаннат ҷойи зиёдатӣ мемонад бо вуҷуде, ки аҳли дунё даромадаанд. Пас Аллоҳ қавмеро меофар-инаду дохили Ҷаннат мегардонад. Ва синфҳоеро, ки дори охират дарбар мегирад, яъне ҳисоб, савоб, азоб, Ҷаннат, Дӯзах ва таф-силоти ин дар китобҳое, ки аз осмон нозил шуда ва осори илмие, ки аз паёмбарон боқӣ гузошта шудааст, зикр шудаанд. Ва илме, ки аз Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ин мавзӯъ мерос бурда шудааст, шифобахшу кофӣ аст, пас касе хоҳад онро меёбад.

## Имон ба қадар ва мартабаҳои он

Ва фирқаи ноҷия, яъне аҳли суннат ва ҷамоат ба тақдири неку бадаш имон меоранд. Ва имони ба қадар ду дараҷа аст, ҳар дараҷааш ду чизро дарбар мегирад:

Дараҷаи якум:Имон овардан ба ин ки Аллоҳ таъоло ба аҳволи халқ доност ва онон тибқи илми қадимаш амалкунандаанд, илме ки Ӯ дар азалу абад ба он васфшуда аст ва ҳамаи аҳволи онон, яъне тоатҳо, гуноҳҳо, ризқҳо ва аҷали ононро медонад. Сипас Аллоҳ тақдирҳои халқро дар Лавҳи маҳфуз навишта аст. Нахустин чизе, ки Аллоҳ офарид қалам аст, барои ӯ гуфт:Бинавис! Қалам гуфт:Чӣ бинависам? Фармуд:Он чиро, ки то барпо шудани рӯзи қиёмат мешавад, бинавис! Он чи ба инсон расид, ӯро хато намекард ва он чи хато кард ба ӯ намерасид, қаламҳо хушк шуданд ва саҳифаҳо печонида шуд, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ أَلَمْ تَعْلَمْ أَنَّ ٱللَّهَ يَعْلَمُ مَا فِى ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ ۗ إِنَّ ذَٰلِكَ فِى كِتَٰبٍ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ ﴿٧٠﴾ ﴾

«(Эй башар) оё намедонӣ, ки Аллоҳ аз он чи дар осмонҳо ва замин аст огоҳ аст ва ин дар китоб маҳфуз ва навишта шудааст ва ин бар Аллоҳ кори бисёр осон аст». Сураи Ҳаҷ, ояти:70

Ва мефармояд:

﴿ مَآ أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا فِىٓ أَنفُسِكُمْ إِلَّا فِى كِتَٰبٍ مِّن قَبْلِ أَن نَّبْرَأَهَآ ۚ إِنَّ ذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ
يَسِيرٌ ﴿٢٢﴾ ﴾

«Ҳар ранҷ ва мусибате, ки дар замин (аз қаҳтӣ, офат, фақр ва ситам) ё аз нафси хеш (чун тарс, ғам, дард ва алам) ба шумо расад, ҳама дар китоб (лавҳи маҳфузи Мо) пеш аз он ки ҳамаро дар дунё эҷод кунем, сабт аст ва ин кор бар Аллоҳ осон аст». Сураи Ҳадид, ояти:22

Ва ин тақдир тобеи илми Ӯ субҳонаҳу аст, дар чанд мавзеъ ба таври муҷмал ва муфассал омадааст. Ба таҳқиқ дар Лавҳулмаҳфуз навишта аст он чиро, ки хоста аст. Ва ҳаргоҳ ҷасади кӯдакро офарад, пеш аз дамидани рӯҳ дар он, ба сӯи он малаке мефиристад, пас

ба навиштани чор калима амр мешавад:Ризқ, аҷал, амал ва бадбахтӣ ё некбахтияшро бинавис ва монанди ин.

Ин навъи тақдирро ғулоти қадарияҳо дар замони қадим инкор мекарданд ва имрӯз инкоркунандаҳояш кам аст.

Дараҷаи дуввум:Машийяти гузарандаи Аллоҳ ва қудраташ фарогир аст ва он имон овардан аст ба ин ки он чи Аллоҳ хоҳад мебошад ва он чиро нахоҳад намешавад ва ин ки намебошад он чи дар осмонҳо ва замин аст аз ҳаракату оромӣ, магар ба хостаи Аллоҳ субҳонаҳу ва дар мулки Ӯ чизе намебошад, магар он чизеро ки хоҳад ва ин ки Ӯ субҳонаҳу бар ҳамаи мавҷудот ва маъдумот қодир аст. Пас махлуқе дар замину осмон нест, магар ки офаридгори ӯ Аллоҳ субҳонаҳуст, холиқе ҷуз Ӯ нест ва Парвардигоре ҷуз Ӯ нест. Бо вуҷуди ин бандагонашро ба тоаташ ва тоати расулаш дастур дод ва аз маъсияташ манъ кард. Ва Ӯ субҳонаҳу парҳезкорон, некӯкорон ва одилонро дӯст медорад ва аз касоне, ки имон меоранду амали нек мекунанд, розӣ мешавад ва кофиронро дӯст намедорад ва аз гурӯҳи фосиқон розӣ намешавад ва ба корҳои фоҳиша амр намекунад ва куфрро барои бандагонаш розӣ наме-шавад ва фасодро дӯст намедорад.

**Кирдори бандагон**

Дар ҳақиқат бандагон фоъиланд ва Аллоҳ офаридгори афъоли онон аст. Банда ҳамон мӯъмин ва кофир, некӯкор ва бадкор, намозгузор ва рӯзадор аст. Бандагон бар иҷрои аъмолашон қудрат ва ирода доранд ва Аллоҳ офаридгори онон ва қудрату иродаи онон аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿لِمَن شَآءَ مِنكُمۡ أَن يَسۡتَقِيمَ ٢٨ وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢٩﴾

«То ҳар ки аз шумо бандагон бихоҳад роҳи рост пеш гирад ва шумо (кофирон) роҳи ҳақро намехоҳед, магар Аллоҳ офаринандаи олам бихоҳад». Сураи Таквир, ояти:28-29

Ва ин дараҷаи қадарро бештари қадарияҳое, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ононро маҷуси ин уммат номида аст,

дурӯғ мешумориданд ва гурӯҳе аз аҳли исбот ғулув карданд, то ки аз банда қудрату ихтиёрашро гирифтанд ва аз афъоли Аллоҳ ва аҳкоми Ӯ ҳикматҳо ва маслиҳатҳояшро нафй карданд.

**Фасли имон**

Аз усули аҳли суннат ва ҷамоат ин аст, ки дину имон гуфтору кирдор аст:Гуфтори дилу забон ва амали дил, забон ва ҷавориҳ аст ва ин ки имон ба тоат зиёд мешавад ва ба маъсият кам ме-шавад. Ва онон бо вуҷуди ин аҳли қибларо ба муртакиб шудани маъсиятҳо ва гуноҳҳони кабира кофир намешуморанд, ҳамонгуна ки хавориҷ мекарданд, балки бародарии имонӣ бо ҳамроҳи маъсиятҳо ҳам собит аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ субҳонаҳу дар ояти қасос фармудааст: ﴿ فَمَنۡ عُفِيَ لَهُۥ مِنۡ أَخِيهِ شَيۡءٞ فَٱتِّبَاعُۢ بِٱلۡمَعۡرُوفِ ﴾ «Онгоҳ агар барои касе аз (хуни) бародараш чизе гузашта шуд. (Ҳукми ӯ) ба некӣ пайравӣ кардан аст». Сураи Бақара, ояти:178

Ва фармуд:

﴿ وَإِن طَآئِفَتَانِ مِنَ ٱلۡمُؤۡمِنِينَ ٱقۡتَتَلُواْ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَهُمَاۖ فَإِنۢ بَغَتۡ إِحۡدَىٰهُمَا عَلَى ٱلۡأُخۡرَىٰ فَقَٰتِلُواْ ٱلَّتِي تَبۡغِي حَتَّىٰ تَفِيٓءَ إِلَىٰٓ أَمۡرِ ٱللَّهِۚ فَإِن فَآءَتۡ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَهُمَا بِٱلۡعَدۡلِ وَأَقۡسِطُوٓاْۖ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُقۡسِطِينَ ٩ إِنَّمَا ٱلۡمُؤۡمِنُونَ إِخۡوَةٞ فَأَصۡلِحُواْ بَيۡنَ أَخَوَيۡكُمۡۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ١٠ ﴾

«Ва агар ду гурӯҳ аз мӯъминон бо ҳам биҷангнанд байни он ду гурӯҳ сулҳ барқарор кунед, онгоҳ агар яке аз он ду гурӯҳ бар дигаре таҷовуз кард, бо гурӯҳи таҷовузкор биҷангед, то вақте ки ба ҳукми Аллоҳ баргардад. Пас агар баргашт ба адл байни он ду гурӯҳ оштӣ барқарор кунед ва адолат кунед. Албатта Аллоҳ одилонро дӯст медорад. Албатта мӯъминон бародаранд, пас миёни бародаронатон сулҳ намоед ва аз Аллоҳ битарсед, шояд раҳмат карда шавед». Сураи Ҳуҷурот, ояти:9-10

Аз фосиқи миллати ислом имонро ба таври куллӣ нафй наме-кунанд ва ӯро ҳукм ба ҷовидон мондан дар Дӯзах намекунанд, ҳамчуноне ки мӯътазилиҳо эътиқод доранд, балки фосиқ дар исми

имони мутлақ дохил аст, ҳамчуноне ки дар фармудаи Аллоҳ аст: ﴿ فَتَحۡرِيرُ رَقَبَةٖ مُّؤۡمِنَةٖ ﴾ «Пас озод кардани бардаи мӯъмин». Сураи Нисо, ояти:92

Ва гоҳо дар исми имони мутлақ дохил намешавад, ҳамчуноне ки дар фармудаи Ӯ таъолост:

﴿ إِنَّمَا ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ٱلَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ ٱللَّهُ وَجِلَتۡ قُلُوبُهُمۡ وَإِذَا تُلِيَتۡ عَلَيۡهِمۡ ءَايَٰتُهُۥ زَادَتۡهُمۡ إِيمَٰنٗا ﴾

«Мӯъминони ҳақиқӣ онон ҳастанд, ки чун зикре аз Аллоҳ шавад, дилҳояшон тарсон ва ларзон шавад ва чун оёти Аллоҳро бар онон тиловат кунанд бар имонашон биафзояд..».Сураи Анфол, ояти:2

Ва фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам:*«Зинокор дар вақти зино кардан мӯъмин нест ва дузд дар вақти дуздидан мӯъмин нест ва шаробнӯш дар вақти шароб нӯшидан мӯъмин нест ва ғоратгар ҳине ки ғорат мекунад, дар ҳоле ки мардум ба сӯяш ба чашмонашон менигаранд, мӯъмин нест»*.

Мегуем:Ӯ мӯъмини камимон аст, ё ба имон доштанаш мӯъмин аст, ба гуноҳи кабирааш фосиқ. Пас ба ӯ исми мутлақи имонро дода намешавад ва на мутлақи исми имонро ба гуноҳи бузургаш нафй карда мешавад.

**Фасл дар мавзӯи саҳоба ризвонуллоҳи алайҳим**

Ва аз усули аҳли суннат ва ҷамоат саломат мондани дилҳо ва забонҳояшон нисбати асҳоби Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам мебошад, ҳамонгуна ки Аллоҳ ононро дар фармудааш васф карда аст:

﴿ وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعۡدِهِمۡ يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱغۡفِرۡ لَنَا وَلِإِخۡوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلۡإِيمَٰنِ وَلَا تَجۡعَلۡ فِي قُلُوبِنَا غِلّٗا لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٞ رَّحِيمٌ ١٠ ﴾

«Ва онон, ки пас аз муҳоҷирону ансор омаданд (яъне тобиъин ва соири мӯъминон, то рӯзи қиёмат) доим дар дуо ба даргоҳи Аллоҳ арз мекунанд:Парвардигорро бар мо ва бародарони

диниямон, ки дар имон пеш аз мо шитофтанд, бибахш ва дар дили мо ҳеҷ кина ва ҳасади мӯъминон қарор мадеҳ, Парварди-горро Туи, ки бисёр рауф ва меҳрубонӣ». Сураи Ҳашр, ояти:10

Ва тоати Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар фармуда-аш:*«Асҳоби Маро дашном надиҳед, пас савганд ба Зоте, ки ҷони ман дар дасти Ӯст, агар якеи шумо ба монанди кuҳи Уҳуд тилло нафақа диҳад ба як мудди онон намерасад ва на ба нисфи он».* (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)

Ва он фазилатҳо ва мартабаҳои онон, ки дар Қуръон, Суннат ва иҷмоъ омадааст, қабул менамоянд. Ва касоне, ки пеш аз фатҳ нафақа додан ва ҷангиданд беҳтаранд бар касе ки баъди фатҳ нафақа дод ва ҷангид. Ва муҳоҷиронро бар ансор дар фазл муқаддам медонанд. Ва имон доранд ба ин ки Аллоҳ барои аҳли Бадр, ки сесаду чанд нафар буданд, фармуд:«Он чи мехоҳед анҷом диҳед, ба таҳқиқ шуморо мағфират кардам» ва ба ин ки ягон нафаре, ки дар зери дарахт байъат карданд дохили Дӯзах намешавад, ҳамонгуна ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он хабар доданд, балки аз онон розӣ шуд ва онон аз Ӯ розӣ шуданд ва аз ҳазору чор сад нафар зиёдтар буданд. Ва ба ҷаннатӣ будани касе, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам гувоҳӣ додааст, гувоҳӣ медиҳанд, монанди даҳнафара, Собит ибни Қайс ибни Шаммос ва дигар саҳобагон. Ва иқрор доранд ба осоре, ки аз амри мӯъминон Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳу ва ғайри ӯ ба таври мутавотир омада аст, ки беҳтарини ин уммат баъди паёмбараш:Абӯбакр, сипас Умар аст ва сеюминаш Усмонро медонанд ва чорумашро ба Алӣ разияллоҳу анҳу меафзоянд, ҳамонгуна ки бар ин осор далолат мекунад. Ва ҳамчуноне ки саҳобагон иҷмоъ карданд бар тақдими Усмон разияллоҳу анҳу дар байъат, бо вуҷуди ин ки баъзеи аҳли суннат дар бартарии Усмон ва Алӣ разияллоҳу анҳумо ихтилоф доштанд, баъди иттифоқашон бар тақдими Абӯбакр ва Умар разияллоҳу анҳумо, ки кадомашон

беҳтар аст. Гурӯҳе Усмонро муқаддам дониста ва сукут карданд, ё Алӣро чорумин шумориданд ва гурӯҳе Алӣро тақдим карданд ва гурӯҳе худдорӣ намуданд, вале кори аҳли суннат бар тақдими Усмон сипас Алӣ қарор гирифт. Агарчи ин масъала, масъалаи Усмон ва Алӣ дар назди ҷумҳури аҳли суннат аз усуле нест, ки дар он мухолифро гумроҳ хонда шавад, вале масъалае, ки дар он гумроҳ хонда мешавад масъалаи хилофат аст. Ин ба он хотир аст, ки онон имон доранд, ки халифа баъди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам Абӯбакр, сипас Умар, сипас Усмон, сипас Алӣ разияллоҳу анҳум аст. Ва касе дар хилофати якеи онон таъна бизанад, пас ӯ аз хари хонаводааш дида гумроҳтар аст.

**Аҳли байти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам**

Аҳли суннат хонаводаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро дӯст медоранд ва ононро аз дӯстони худ қарор медиҳанд ва дар ҳаққи онон васияти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва салламро нигоҳ медоранд, замоне ки дар рӯзи ғадири Хум фармуд: *«Нисбати хонаводаи худ Аллоҳро ба ёди шумо меорам»*. Ва низ барои аммакаш Аббос разияллоҳу анҳу, дар ҳоле ки ӯ аз баъзеи Қурайш, ки нисбати бани Ҳошим ҷафо мекарданд, шикоят кард, фармуд:*«Савганд ба Зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, имон намеоранд, то шуморо барои Аллоҳ ва хеш будани Ман дӯст бидоранд»*. Ва фармуд:*«Албатта Аллоҳ фарзандони Исмоилро ихтиёр кард ва аз миёни фарзандони Исмоил Канонаро ихтиёр кард ва аз Канона Қурайшро ихтиёр кард ва аз миёни Қурайш фарзандони Ҳошимро ихтиёр кард»*. Ва ҳамсарони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам модарони мӯъминонро дӯст медоранд ва имон доранд, ки онон дар охират ҳам ҳамсарони Ӯянд, хоссатан Хадиҷа разияллоҳу анҳо модари бештари фарзандони Ӯ, нахустин касе, ки ба Ӯ имон овард ва Ӯро дар кораш нусрат дод ва дар назди Ӯ мақоми волое дошт ва Сиддиқа бинти Сиддиқ разияллоҳу анҳо, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам дар ҳаққи ӯ фармуд:

*«Бартарии Оиша бар занон монанди бартарии сарид бар соири таомҳост»*.

## Ихтилофҳои байни саҳобагон

Ва аҳли суннат аз тариқаи рофизиён, ки саҳобагонро бад мебинанду дашном медиҳанд безорӣ меҷӯянд ва низ аз тариқаи навосиб, ки аҳли байтро ба гуфтору кирдор озор медиҳанд. Ва аз зикри ихтилофҳои байни саҳобагон худдорӣ мекунанд ва мегӯянд: Албатта осоре, ки дар бадии онон ривоят шуда аст, баъзеаш дурӯғ, дар баъзеаш чизе афзуда ва чизе кам карда шуда ва аз ҳақиқаташ тағйир дода шуда аст. Ва дар осори дурусти он, онҳо маъзуранд, ё иҷтиҳод карда ҳақро дарёфтаанд ва ё иҷтиҳод карда хато кардаанд. Ва аҳли суннат бо вуҷуди ин эътиқод надоранд, ки саҳобагон аз гуноҳони кабира ва сағира маъсуманд, балки дар маҷмӯъ гуноҳ мекунанд ва барои онон собиқаҳои динӣ ва фазилатҳост, ки муҷиби мағфирати гуноҳоне, ки аз эшон сар зада аст мешавад, агар сар зада бошад, ҳатто барои онон гуноҳоне мағфират карда мешавад, ки барои пасомадаҳо мағфир-ат намешавад, зеро онон некиҳое доранд, ки бадиҳояшонро аз байн мебарад, ки пасомадаҳо он некиҳоро надоранд. Ба таҳқиқ ба фармудаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам собит шуда, ки онон беҳтарини асрҳоянд ва ин ки мудди якеи онон ҳаргоҳ садақа диҳад аз монанди куҳи Уҳуд тилло садақа додани пасомадаҳо беҳтар аст. Ҳаргоҳ аз якеи онон гуноҳ сар зада бошад, ба таҳқиқ аз он тавба карда аст, ё некиҳое мекунад, ки он гуноҳро тоза мекунад, ё ба шафоати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки онҳо шоистатарини мардум ба шафоати Ӯ ҳастанд, ё ба балову мусибате дар дунё гирифтор шуда аст, ки каффорати гуноҳаш мешавад. Ҳаргоҳ ин дар гуноҳҳои содиршуда бошад, пас дар корҳое, ки аз рӯи иҷтиҳод сар зада аст, чӣ гуна мебошад. Агар иҷтиҳод карда ҳақро ёфта бошанд, пас барояшон ду аҷр аст ва агар хато карда бошанд, пас барояшон як аҷр аст ва хато мағфиратшуда

аст. Сипас миқдори каму андаке, ки аз феъли баъзеашон инкор карда мешавад, дар баҳри фазилатҳо ва некиҳои онон ғарқшуда аст, яъне имони ба Аллоҳ ва расули Ӯ, ҷиҳоди дар роҳи Ӯ, ҳиҷраташон, нусрати дин, илми нафъовар ва амали солеҳ. Ва касе, ки дар сирати қавм ба илму басират нигоҳ кунад ва он фазилатҳое, ки Аллоҳ ба онон миннат ниҳода аст, яқинан медонад, ки онон беҳтарини халқ баъд аз анбиё ҳастанд, мисли онон набуд ва намебошад ва ин ки онон беҳтарини асрҳои ин умматанд, ки ин уммат беҳтарину боикромтарини умматҳо дар назди Аллоҳ аст.

## Каромоти авлиё

Ва аз усули ақидаи аҳли суннат тасдиқ кардани каромоти авлиё ва он хавориқулодоте, ки Аллоҳ ба дастони онон анҷом медиҳад, дар анвоъи илмҳо ва кашфҳо ва анвоъи қудрат ва таъсирот, мисли асарҳои умматҳои гузашта дар сураи Каҳф ва ғайра ва аз аввали ин уммат яъне саҳобагону тобиъин ва дигар фирқаҳои уммат ва каромат дар ин уммат то рӯзи қиёмат вуҷуд дорад.

## Фасл дар мавзӯи пайравии осори Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам зоҳирану ботинан

Сипас аз тариқаи аҳли суннат ва ҷамоат пайравии осори Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз рӯи ботин ва зоҳир аст ва пайравии роҳи собиқону аввалинҳо, яъне муҳоҷирону ансор ва пайравии васияти Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам замоне ки фармуд:*«Суннати Ман ва суннати хулафои рошиддини ҳидоятёфтагонро лозим гиред, ба он чанг занед ва онро ба дандонҳоятон муҳкам гиред ва худро аз умури навпайдошуда дур доред, ба таҳқиқ ҳар навпайдошуда (бидъат) гумроҳӣ аст»*.

Ва медонанд, ки содиқтарини сухан, сухани Аллоҳ ва беҳтарин роҳнамоӣ роҳнамоии Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст. Ва сухани Аллоҳро бар ғайраш яъне аз суханони беҳтарини мардум муқаддам медонанд. Ва роҳнамоии Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва салламро бар роҳнамоии дигарон тақдим мекунанд. Барои ин

аҳли китоб ва суннат ва аҳли ҷамоат номида шуданд, зеро ҷамоат ҳамон иҷтимоъ аст ва зидди он парокандагӣ аст ва агарчи лафзи ҷамоат ном гардидааст барои қавме, ки ҷамъ омадаанд.

Ва иҷмоъ асли сеюм аст, ки бар он дар илму дин эътимод карда мешавад. Ва аҳли суннат ба ин се асл ҳамаи корҳои ботинию зоҳирии мардумро, ки ба дин тааллуқ дорад, бармекаш-анд. Ва иҷмоъе, ки яқин мешавад ҳамон иҷмоъи гузаштагони накӯкор аст, зеро баъдашон ихтилоф зиёд шуд ва уммат инти-шору паҳн шуд.

**Фасл дар мавзӯи амри ба маъруф ва наҳй аз мункар**

Аҳли суннат бо ин усул амри ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд, бинобар он чизе ки шариат воҷиб мегардонад ва барпо кардани ҳаҷ, ҷиҳод, ҷумъаҳо ва идҳоро бо ҳамроҳии амирон, хоҳ некӯкор бошанд, ё бадкор воҷиб медонанд ва ҷамоати намозҳоро муҳофизат мекунанд ва насиҳати умматро аз дин медонанд ва маънои гуфтаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва салламро эътиқод доранду амал мекунанд, ки фармуд:*«Мӯъмин бо мӯъмин монанди аъзои як деворанд, ки яке дигареро мустаҳкам месозад. Ва сипас ангуштони як дасти худро дар ангуштони дасти дигари худ даровард»*. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим) Ва фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам:*«Мисоли мусалмонон дар дӯстӣ бо ҳам ва хайрхоҳӣ ва нисбат ба ҳамдигар дилсӯз буданашон монанди як ҷасад мебошад, ки агар як узви он бемор шавад, дигар аъзо бо ӯ дар бедорхобӣ ва таб кардан ҳамроҳӣ менамоянд».* (Ривояти Муслим)

Дар вақти мусибат амр ба сабр, дар вақти нозу неъмат зистан амр ба шукр, дар талхии қазову қадар амр ба ризо мекунанд ва ба ахлоқи писандида ва аъмоли нек даъват мекунанд ва ба муқтазои гуфтаи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам амал мекунанд: *«Комилтарини мӯъминон аз рӯи имон некутарини онон аз рӯи ахлоқ аст»*. Ва даъват мекунанд ба пайвастан ба касе, ки рафтуомад бо туро қатъ мекунад ва атову ҳадя додан ба касе ,ки

ба ту ато намекунад ва авф кардани шахсе, ки ба ту зулм мекунад. Ва ба некӣ кардан ба волидайн, пайванди хешу таборӣ, нек ҳамсоягӣ кардан ва нармрафторӣ бо зердастон амр мекунанд. Ва аз фахр, худбинӣ, саркашӣ ва кибр кардан бар болои халқ ба ҳақ бошад, ё беҳақ манъ мекунанд ва ба ахлоқи олӣ амр мекунанд ва аз ахлоқи паст манъ мекунанд.

Ва ҳар он чизе, ки мегӯянд ва мекунанд аз ин зикршудаҳо ва ғайра, пас албатта онон дар ин амр пайравикунандаи Қуръон ва Суннатанд ва тариқаи онон ҳамон дини Ислом аст, ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба он фиристода шуд, валокин вақте Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам хабар дод, ки умматаш ба ҳафтоду се гурӯҳ тақсим мешавад, ҳамааш дар оташи Дӯзах аст ба ҷуз як гурӯҳаш, ки он ҳам ҷамоат аст ва дар ҳадисе аз Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст, ки фармуд:«Онон касоне ҳастанд, ки амалеро анҷом медиҳанд, ки Ман имрӯз мекунам ва асҳоби Ман мекунад». Чангзанандагон ба исломи маҳзи соф аз олудагиҳо аҳли суннат ва ҷамоат гардиданд, дар миёни онон сиддиқон, шаҳидон, солеҳон аст ва баъзеи онон аломатҳои ҳидоят ва чароғҳоянд, ки мардум дар торикиҳо ба онон талаби рушноӣ мекунанд, дорои мартабаҳо ва фазилатҳое, ки дар китобҳои аҳли илм мазкур аст. Ва дар миёни аҳли суннат абдол[1] ва имомҳои дин аст, ки мусалмонон бар ҳидояти онон иҷмоъ кардаанд ва онон тоифаи нусратдода шуда аст, ки дар шаъни онон Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуда аст:*«Ҳамеша тоифае аз уммати Ман ҳақро ошкор мекунанд, касе ононро мухолифат мекунад ба онон зарар*

[1] Абдол ҷамъи бадал аст. Абдол касоне ҳастанд, ки аз дигарон ба илму ибодат фарқ мекунанд. Ва абдол номида шуданд, зеро ҳаргоҳ яке аз онон бимирад дар бадали он дигаре меояд, ё ин ки бадиҳояшонро ба ҳасанот табдил медиҳанд, ё онон пешвои нек ҳастанд, ки аъмоли хатои мардумро ба аъмоли дуруст табдил медиҳанд, ё барои ҳамаи зикршудаҳо ва ғайра. (Шарҳи ақидаи Воситӣ, ибни Усаймин раҳимаҳуллоҳ)

*намедиҳад ва на касе ки ононро хор мекунад, то ки қиёмат барпо шавад»*.

Пас аз Аллоҳ масъалат менамоем, ки моро аз ҷумлаи онон гардонад ва баъд аз ҳидоят дилҳои моро гумроҳ насозад ва барои мо аз назди худ раҳмате бибахшад, албатта Ӯ Ваҳҳоб[1] аст. Ва Аллоҳ донотар аст. Ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва олиҳи ва саҳбиҳи ва саллама таслиман касиро.

[1] Ваҳҳоб-бисёр бахшанда.